194800

А. СУФИЕВ



# ҲАЗОРУ ЯК ЧИСТОН

Тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан
**АСАДУЛЛО СУФИЕВ**

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
1994

**СУФИЕВ А.**

С 99 Хазору як чистон. Душанбе, Маориф, 1994

ISBN 5—670—00510—4

Ин китоб барои донишҷӯёни факултаи филологии Донишгоҳ, донишкадаҳои омӯзгорӣ ва доираи васеи хонандагон таълиф шудааст.

Муҳаррир **М. Назриева**

ББК 83. 3 Тоҷ

Государственная
респуб. б-ка Тадж. ССР
им. Фирдоуси
194100

С $\frac{4306000000-579}{504(12)-92}$ 55—94

ISBN 5—670—00510—4

© Суфиев А. 1994.

# ЧИСТОН — САЙҚАЛИ ФИКР

Чистон маҳсули ақлу заковат, ҷаҳонбинӣ, донишу фазилат ва завқу салиқаи халқ аст. Ин жанри қадимӣ ва машҳури фольклор аз нуқтаи маҷозӣ ва мафҳуми иҷтимоӣ то ба як намуди дилкаш ва шавқангези санъати сухан роҳи дуру дарози тараққиётро тай кардааст. Чунончи, шахси хушзавқе фармудааст:

Таҳ санг рӯ санг,
Миёна уқоби тезчанг.

Ва ё

Об дар об чӣ бошад?
Ҳавзи гулоб чӣ бошад?
Оташ расад як ҷунад,
Уро ҷавоб чӣ бошад?

Ин чистонҳо зоҳиран содда ва осон намоянд ҳам, кашфи асрори ниҳонии онҳо донишу маҳорат ва зеҳну таҷрибаи муайянро тақозо менамоянд. Ҳар касе ки ин предметҳои ҷондор ва беҷонро дида, сифат ва хосияти онҳоро санҷида ва равшан мушоҳида карда бошад, ҷавоби мафҳумоти сарбеҷро амиқ муайян менамояд. Ташбеҳоти мувофиқ ва муносиб сифату хосиятҳои сангпушт ва тухмро равшану диққатангез сохтаанд. Шунаванда ба фикр фурӯ меравад, аломат ва сифатҳои гуногуни сангпушт ва тухмро бо ҳам муқоиса мекунад, дониш ва мушоҳидаи худро ба кор мебарад ва шабоҳати баъзе узвҳои сангпушт ва уқобро ба хотир меорад. Дар акси ҳол муайян сохтани ҳусни матлаб маҳол аст.

Дар ҳақиқат сифатҳои сангпушт ва тухм дар чистонҳои мазкур дурусту дилчасп тасвир шудаанд ва ҷавоби онҳо шубҳаеро ба миён намеорад. Чистонҳое низ ҳастанд, ки дар онҳо аломат ва сифатҳои предмету ҳодисаҳо нопурра ва номукаммал ифода ёфтаанд. Албатта, чунин чистонҳо маҳсули афкори шахсони камтаҷриба, ҷавон, тақлидкор ва камистеъдоданд. Илова бар ин, аломат ва сифатҳои як қатор ашёҳо ва ҳодисаҳо бо ҳам монанд ва ҳамранганд. Аз ин рӯ, баъзе тавсифот ва ташбеҳоти як предмет бо предмети дигар омезиш меёбанд, ки ин ҳолат сабаби такрори ҷавоби чистонҳои ҷудогона ва 2 предмети истиорашаванда мегардад. Барои мисол чистонҳои

«чувоз», «обчувоз», «осиёб» ва «киштй»-ро зикр кардан кифоя аст. Ба об вобаста ва алоқаманд будани осиёб ва киштй монандй ва шабоҳати истиорашавандаҳоро ба миён овардааст, ки ин набояд боиси иштибоҳ гардад. Шалғам, сабзй, пиёз ва карам барин намуди сабзавот аломат, хосият ва сифатҳои монанд ва муштарак доранд. Дар натиҷа образ ва истиорашаванда як чистон дар ҷавоби чистони дигар такроф мешавад. Нусхаҳои комил ва ноқис, мукаммал ва номукаммал, такрор, калимаву ибораҳои таклидй, вазну қофия, саҷъ, ҳусноҳангй ва зуҳуроти камй ва костй дар онҳо қисман ба ҳамин монанд алоқаманд мебошад.

Чистонҳои манзум аз ҷиҳати мавзӯъ, мазмун, вазн, қофия, истиора, ташбеҳ, тавсиф, ташхис, киноя, муболиға, забону сабки рангини баён ҷолиб ва шавқангезанд. Онҳо дар шаҳрҳо ва деҳаҳои гуногуни кишварамон эҷод шуда, тамоми соҳаи ҳаёт ва фаъолияти мардуми тоҷикро фаро гирифтаанд. Олот ва воситаҳои мухталифи меҳнат, ҳодиса ва воқеаҳои табиат, асбобу анҷоми рӯзгор, зироат, маконҳо, ҳайвонот, ҳашарот, илму техника ва ҳама чизҳое ки дар зиндагии халқи меҳнаткаш мавқеи муҳим доранд, образ ва мундариҷаи чистонҳои манзуманд. Чистон, аз савол ва ҷавоб иборат аст. Дар қисмати савол сурати маҷозии предмету ҳодисаҳо тасвир шуда дар қисмати ҷавоб номи аслии предметҳо ифода ёфтаанд:

Оҳангарак, сӯзангарак,
Дар рӯи он бозингарак.

Дар ин чистон қофия ва ҳамоҳангии гуфтор ва тароватн забони гӯянда равшан зоҳир шудааст. Баъзан мегӯянд, ки забону сабки баёни чистонҳои халқй ва вазну қофияи онҳоро дуруст намудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин маврид сабки гуфтор, ҳусни забон ва шаклҳои рангоранги калимасозй ва ибораории халқ аз байн меравад. Чистонҳо монанди дигар жанрҳои фолклор бо ин ё он шеваи халқ эҷод шудаанд ва дар онҳо ҳусну тароватн забони гӯяндагон таҷассум гардидааст. Ин ҳолат моро водор месозад, ки дар кори ҳайр ба сохтакорй роҳ надиҳем ва аз таҳрири ҷиддй ва ҳартарафаи осори бадеии шифоҳии халқ худдорй намоем. Чуночи, дар як ҷой «бобояк» гӯянд, дар ҷои дигар «бобоҳак» мегӯянд, дар ҷое «яктояк» гӯянд, дар макони дигар «яктаҳак» талаффуз менамоянд. Агар ин сабки гуфтори мардумро бо як тарз таҳрир намоем, ҷавҳари забони гӯянда ва зуҳуроти ҳушоҳангии чистонҳо аз байн меравад. Чистон маҳсули фикру салиқаи коллектив аст, зеро дар чистонгӯй ва чистонёбй бояд ҳатман ду нафар иштирок намоянд. Яке савол диҳад, дигаре онро муайян созад. Ин анъана мисли дигар шуғли халқ аз талаботи зиндагй ба вуҷуд омада, дар ҳаёти гузаштаи мардуми мо мавқеи калон дошт. Деҳқонон ва косибон дар мавриди кор ва истироҳат чистонгӯй карда,

меҳнати худро сабук менамуданд, зиракӣ, хушзеҳнӣ, ҳозирҷавобӣ ва сурату сифати асбобу ашёи зиндагиро, то чӣ дараҷа донистани якдигарро месанҷиданд ва доираи фикру ҷаҳоншиносӣ ва завқи бадеии худро васеъ мекарданд:

Гуле дидам, ки он бехор бошад,
На дар дашту на дар кӯҳсор бошад.
На ӯро кас харад, на кас фурӯшад,
Ҳамеша бар сараш бозор бошад.

Чистони «илм» аз ҷиҳати таносуб ва оҳангнокӣ, истиораву санъати радду бадал ва тавсифу муболиға дилкашу гуворо ифода ёфтааст. Вазни он ҳам, ки баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф аст, мутобиқи мизони **мафоилун, мафоилун, фаъулун** сурат пазируфтаст ва аз ин лиҳоз завқу шавқи шунавандаро ривоҷ медиҳад. Чистонҳо имкон медиҳанд бифаҳмем, ки деҳқонон, ҳунармандон, косибон ва толибилмон ба ин ё он олоту асбоби меҳнат, ҳодисаҳои мухталифи табиат, рӯзгор, зироат, меваҷот, растанӣ, наботот ва ҳайвонот чӣ гуна муносибат доштаанд ва рангу сифати ҳар яке аз онҳоро то чӣ андоза моҳирона тавсиф намудаанд:

Меравад зери замин,
Пур мекунад рӯи замин. (Оҳани ҷуфт).
Дар сардара ду мор кар-кар мекард,
Барфро мехӯрд, ҷоларо қай мекард.

(Ҳаллоҷӣ).

Воқеан, аз рӯи ин чистонҳо дар бораи рангу шакл ва намудҳои асбобу олоти меҳнат, вазифа ва мақоми онҳо дар ҳаёти деҳқонон ва ҳунармандон тасаввуроти равшан ҳосил менамоем. Халқ дар давоми асрҳо дар ҷараёни кору зиндагӣ асбобу олотҳои гуногунро кор фармуда омадааст. Вай аз шаклҳои оддии деҳқонӣ ба шаклҳои мураккаби он, аз олоту асбобҳои оддии меҳнат (каланд, омоҷ, чигина, ҳаллоҷӣ, чарха ва ғайра) то дастгоҳҳои мураккаб (тракторӯ мошинаҳои пуриқтидори ҳозиразамон роҳи дури дарози тараққиётро тай намудааст. Тамоми ин процессҳои мураккаби тараққиёт пайваста бо фаъолияти меҳнатии халқ дар чистонҳо акс ёфтаанд:

Осмон барояд, ялаққӣ,
Замин фарояд, тараққӣ

(каланд)

Аҷоиб ҷонваре дидам,
Миёни сина пар дорад,
Ба пояш кафши пӯлодӣ,
Даҳон болои сар дорад

(трактор)

Чистон мисли дигар жанрҳои фольклор дар натиҷаи тараққиёт ва дигаргуншавии ҳаёти моддӣ, иқтисодӣ ва маданиии мардуми тоҷик тараққӣ мекунад ва дигаргун мешавад, дар процесси ин тараққиёт ва дигаргуншавӣ ҷавоби баъзе чистонҳо кӯҳна шуда тадриҷан аз байн меравад, ҷои онро предмету ашёҳои нав ишғол менамоянд, ҳам оид ба предмету ашёҳои чистонҳо офарида, дар онҳо хусусият, мавқеъ ва вазифаи ашёҳоро таъкид ва тавсиф мекунад:

Аз ин ҷо то Ҳисор,
Метозад қатор-қатор

(Мӯрча — поезд)

На дил дорад на гурда,
Мехонад бачамурда

(Дутор — радио)

Чистонҳои китобӣ аз рӯи мураккаб будани шаклу мазмун, риоя намудани хусусиятҳои забони адабӣ, кор фармудани санъатҳои бадеӣ, вазн ва роҳу усулҳои эҷод карда шуданашон аз чистонҳои оддӣ ва маъмулии эҷодиёти даҳанакӣ фарқ мекунанд. Чистонҳои китобӣ ба тамоми талаботи шеърӣ ҷавоби пурра дода, бо ду роҳ инкишоф ёфтаанд. Яке ба тарзи рубоӣ, қитъа ва мухаммас эҷод шуда, аз ҷиҳати мавзӯъ, мазмун ва шакл ба чистонҳои халқӣ ҳамранг мебошанд. Дигаре ба тарзи маснавӣ ва ғазал эҷод карда шуда, дар онҳо илова ба шаклу мазмуни мураккаб санъати суханбозӣ, ташбеҳ ва тавсифҳои мутлақу душворфаҳм васеъ истифода шудаанд. Зеро онҳоро адибони нуктасанҷу соҳибтабъ барои муҳокима, санҷидани завқу истеъдоди бадеӣ ва ақлу заковати якдигар нишон намудаанд.

Чистонҳои халқӣ бо ду шакл эҷод мешаванд. Яке ба шакли мисраъ, байт ва дигаре ба шакли рубоӣ ва қитъа эҷод шудаанд. Дар чистонҳои халқие, ки ба шакли рубоӣ, қитъа офарида шудаанд, таъсири адабиёти китобиро равшан мушоҳида кардан метавон. Дар байни халқ паҳн шудан ва дар айни замон асосан хусусиятҳои забони адабиро нигоҳ доштани чистонҳо исбот менамояд, ки эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик ба адабиёти бадеии китобӣ ва забони адабӣ алоқаи мустаҳкам доштааст.

Аз рӯи қоидаи шеърият дар истиора ва ташбеҳ бояд унсурҳои истиорашаванда ва ташбеҳшаванда ва истиоракунандаву ташбеҳкунандаҳо муштарак зикр ёбанд, вале дар чистонҳои халқӣ акси ин ҳолатро мушоҳида мекунем, яъне дар чистонҳои халқӣ танҳо истиоракунанда ва ташбеҳкунандаҳо таъкидан зикр меёбанд:

Аспи сафеди мардум,
На ёл дорад, на дум.

Як қатор олоту асбобҳои меҳнат ва ҳоҷагӣ қайҳост, ки аз истифодаи мардум баромадаанд, вале шаклу номҳо, вазифа ва мавқеи онҳо ҳанӯз ҳам дар чистонҳои халқи нигоҳ дошта шудаанд:

Осмони гулдур-гулдур
Чор найзаву ду айгур,
Болоравӯ хамиқаш,
Тавақи тилло таги каш

(Чигина)

Ҳар як навъи олоту асбоби кор дар ҳаёти мардум мақоми хос дорад, ки ё он вазифаро адо менамояд ва мувофиқи эҳтиёҷи зиндагӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Масалан, чистонҳои «калид» ва «қулф»-ро гирем:

Аз ин дарак ба он дарак,
Мехмонаки таллидаррак,

Ғуломаки сиёҳаки мо,
Хонанигоҳдораки мо.

Таому хӯрокворӣ — ошпазӣ, ҳалвогарӣ, нонвоӣ ва ғайра ҳамчун касбу ҳунар дар ҳаёти маданияти тоҷикон шӯҳрати қадимӣ дорад, шаклу намуд ва сифатҳои рангоранги онҳо дар чистонҳо акс ёфтаанд:

Шаш сиёҳ оҳанин,
Миёнаш рангини.

(Сихкабоб)

Дар бораи як предмету ҳодисаҳои зиндагӣ офарида шудани чандин чистон ва ё баръакс, як чистонро ба чандин предмету ҳодисаи зиндагӣ нисбат додани мардум, аз як тараф, ба табъу фаҳми гуногуни одамон вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба яксела набудани шароит ва муҳити зиндагии халқ алоқаманд аст. Зеро чистонҳо маҳсули ин ё он муҳиту шароит гашта ва онҳо мафҳуми ашёҳои дар ҳамон муҳит вуҷуддоштаро акс менамоянд, ки ин мафҳуми ашёҳо дар муҳити дигар ё вуҷуд надоранд ва ё ба тарзи дигару номҳои дигар ифода карда мешаванд.

Чунончи, ин чистон дар се канори Тоҷикистон се хел ҷавоб дорад:

Бузи зарди боланггар,
На дил дорад, на ҷигар.

Ҷавоби чистони мазкур дар Кӯлоб «дутор» бошад, дар Дарвоз «қайиқ» ва дар Панҷакент «дойра» мебошад.

Чистон мисли дигар жанрҳои фольклор дар натиҷаи тараққиёт ва дигаргуншавии ҳаёти моддӣ, иқтисодӣ ва маданияи мардуми тоҷик тараққӣ мекунад ва дигаргун мешавад, дар процесси ин тараққиёт ва дигаргуншавӣ ҷавоби баъзе чистонҳо кӯҳна шуда тадриҷан аз байн меравад, ҷои онро предмету ашёҳои нав ишғол менамоянд, ҳам онҳо ба предмету ашьёҳои чистонҳо офарида, дар онҳо хусусият, мавқеъ ва вазифаи ашёҳоро таъкид ва тавсиф мекунад:

Аз ин ҷо то Ҳисор,
Метозад қатор-қатор

(Мӯрча — поезд)

На дил дорад на гурда,
Мехонад бачамурда

(Дутор — радио)

Чистонҳои китобӣ аз рӯи мураккаб будани шаклу мазмун, риоя намудани хусусиятҳои забони адабӣ, кор фармудани санъатҳои бадеӣ, вазн ва роҳу усулҳои эҷод карда шуданашон аз чистонҳои оддӣ ва маъмулии эҷодиёти даҳанакӣ фарқ мекунанд. Чистонҳои китобӣ ба тамоми талаботи шеърӣ ҷавоби пурра дода, бо ду роҳ инкишоф ёфтаанд. Яке ба тарзи рубоӣ, қитъа ва мухаммас эҷод шуда, аз ҷиҳати мавзӯъ, мазмун ва шакл ба чистонҳои халқӣ ҳамранг мебошанд. Дигаре ба тарзи маснавӣ ва ғазал эҷод карда шуда, дар онҳо илова ба шаклу мазмуни мураккаб санъати суханбозӣ, ташбеҳ ва тавсифҳои мутлақу душворфаҳм васеъ истифода шудаанд. Зеро онҳоро адибони нуктасанҷу соҳибтабъ барои муҳокима, санҷидани завқу истеъдоди бадеӣ ва ақлу заковати якдигар иншо намудаанд.

Чистонҳои халқӣ бо ду шакл эҷод мешаванд. Яке ба шакли мисраъ, байт ва дигаре ба шакли рубоӣ ва қитъа эҷод шудаанд. Дар чистонҳои халқие, ки ба шакли рубоӣ, қитъа офарида шудаанд, таъсири адабиёти китобиро равшан мушоҳида кардан метавон. Дар байни халқ паҳн шудан ва дар айни замон асосан хусусиятҳои забони адабиро нигоҳ доштани чистонҳо исбот менамояд, ки эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик ба адабиёти бадеии китобӣ ва забони адабӣ алоқаи мустаҳкам доштааст.

Аз рӯи қоидаи шеърият дар истиора ва ташбеҳ бояд унсурҳои истиорашаванда ва ташбеҳшаванда ва истиоракунандаву ташбеҳкунандаҳо муштарак зикр ёбанд, вале дар чистонҳои халқӣ акси ин ҳолатро мушоҳида мекунем, яъне дар чистонҳои халқӣ танҳо истиоракунанда ва ташбеҳкунандаҳо таъкидан зикр меёбанд:

Аспи сафеди мардум,
На ёл дорад, на дум.

Дар анбори одамон,
На чав мондаст, на гандум

(Осиёб)

Таҳ табақ рӯй табақ,
Миёна фатири бенамак

(Чормағз)

Ташбеҳ намудҳои гуногун дорад, вале дар чистонҳои халқӣ, асосан, ду намуди он мушоҳида карда мешавад: яке ташбеҳи равшан ё ташбеҳе, ки ба воситаи адоти ташбеҳ (мисли барин, монанди, чун ва ғайра) зоҳир мегардад ва дигаре ташбеҳи пӯшида, ки аслан бе адоти ташбеҳ ифода меёбад, яъне дар он як предмет бо предмети дигар тахминан монанд карда мешавад, ки инро аз мисолҳои боло низ пай бурдан мумкин аст. Ҳар ду намуди ташбеҳ дар чистонҳои халқӣ хусусияти истиораро дорад, зеро ки дар онҳо ташбеҳшавандаҳо айнан ба назар намерасанд.

«Арӯз», ки дар он ба чуз миқдори ҳичоҳо дарозӣ ва кӯтоҳии онҳо низ ба назар гирифта мешавад, дар чистонҳои халқӣ зуҳуроти хос дорад.

Дар чистонҳои халқӣ навъҳои мухталифи баҳри «ҳазач» нисбат ба баҳрҳои дигари «арӯз» бештар ба назар мерасанд. Баъзан дар чистонҳое, ки аз чиҳати сохт ва шакли шеърӣ ба байт ва рубоӣ шабоҳат доранд, ҳар як мисраъ дорои баҳр ва вазни чудогона мебошад, ки мо ин хусусиятро дар дигар жанрҳои маълуми фольклор мушоҳида намекунем:

Аз дур дидам, тар дидам,
Ба дасти заргар дидам.

Забони чистонҳо равон, содда ва рангоранг буда, барои тадқиқ ва омӯхтани таърихи тараққиёти истилоҳоти халқӣ аҳамияти муҳим дорад. Процесси тағйирот ва дигаргуншавии таркиби луғавии забон назар ба дигар жанрҳои фольклори точик дар чистонҳо равшану ҳартарафа акс ёфтааст. Дар чистонҳои халқӣ номҳои шахсони таърихӣ, мавзеъҳои чуғрофӣ ва калимаву ибораҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардуми точик васеъ акс ёфтаанд.

Дар мачмӯаи «Ҳазору як чистон» маводи хазинаи фольклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, хазинаи фолклори Дорулфунуни давлатии Точикистон ба номи В. И. Ленин, чистонҳои дар матбуоти даврӣ ва ба шакли мачмӯаҳои гуногун нашршуда, инчунин маводе, ки муаллифи ин сатрҳо ҳангоми сафарҳои илмӣ гирд овардааст, истифода шудаанд.

Ин китоб танҳо як қисми чистонҳои маълумро дарбар мегирад ва дар он навъҳои дигари чистонҳои халқӣ дохил нашудаанд.

Маҷмӯа чистонҳои гуногуни халқиро дар бар мегирад ва нусхаҳои онҳо бо ҳарфҳои «а», «б», «в» ва ғайра ишора шудаанд.

Маводи маҷмӯа то андозае таҳрир шудааст, то ки он барои мардуми ҳамаи минтақаҳои тоҷикнишин фаҳмо ва дастрас бошад.

Чистонҳои халқӣ, мисли дигар жанрҳои манзуми эҷодиёти даҳанакӣ асосан ба ду вазни маъмул — «ҳиҷо» ва «арӯз» эҷод шудаанд. Баробар омадани ҳиҷоҳои як мисраъ ба мисраи дигар қонуни асосии вазни «ҳиҷо» шуморида шавад ҳам, он дар чистонҳои халқӣ ҳама вақт риоя карда намешавад ва ин боиси ба вуҷуд омадани ҳиҷоҳои мухталиф гардидааст.

Дар чистонҳое, ки ба вазни «Арӯз» гуфта шудаанд, оҳанги гуфтор, мувозанати байту мисраъҳо ва гуногунии (дарозу кӯтоҳ омадани) миқдори ҳиҷоҳои ҳар як мисраъ низ мавқеи калон дорад:

Меҳӯрад дон бо умед — 7:
Мепошад барфи сафед — 7:
(Осиёб)

На даст дораду на по — 6
Хабар барад ба ҳар ҷо — 7.
(Мактуб)

Дар чистонҳо чунон ки ишора шуд, унсурҳои забони гуфтугӯии халқ ва шеваҳои гуногуни он равшан ифода ёфтааст. Як қатор чистонҳои носуфта ва аз лиҳози вазну қофия нокис ҳам ба назар мерасанд, ки онҳо маҳсули ҷаҳонбинӣ ва завқу салиқаи мухталифанд. Азбаски маҷмӯа барои доираи васеи хонандагон аст, омӯзгорон дар ҷараёни таълим мушкили шогирдонро осон месозанд. Онҳо дар ҷараёни дарс сабаби дар ин ё он шеваи забон ба тарзи гуногун ифода ёфтани мафҳумҳоро моҳирона шарҳу эзоҳ медиҳанд, ҷавононро ба хушзеҳӣ, кунҷковӣ ва ҳозирҷавобӣ ҳидоят месозанд.

Ҷавоби як қатор чистонҳоро ба хонандагон ҳавола намудем, то ки онҳо фикр кунанд ва ҷавоби муаммоҳоро бо асарҳои тозаи шифоҳӣ дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо дарҷ намоянд ва баҳсу мунозираи хушзеҳиро ҳарҷониба ривоҷ диҳанд.

Рақамҳо шумораи чистонҳоро нишон медиҳанд. Дар маҷмӯа як силсила чистонҳои халқишудаи адибони гузашта ва имрӯзаи тоҷик низ дохил шудаанд. Китоби «Ҳазору як чистон» аз рӯи мавзӯъ ба 20 фасл тақсим мешавад ва феҳрасти ҷавоби чистонҳо дар фасли охир дода шудааст.

Чунон ки ишора шуд, маҷмӯа аз камбудӣ ва нуқсонҳо комилан холӣ нест. Умед аст, ки дӯстдорони фольклор ва ашхоси хушсалиқа барои беҳтар гардидани маҷмӯа қайду эродҳои худро баён менамоянд.

АСАДУЛЛО СӮФИЕВ




## ОЛОТ ВА ВОСИТАИ МЕҲНАТ

1

Осмон барояд-алакӣ,
Замин фарояд-тарақӣ.

2

а) Аз дур дидам — алак-юлук,
Пешаш рафтам — тарақ-турук.

3

б) Аз осмон меафтад,
Заминро мезанад.

4

Чайрахаки аргуштӣ,
Поҳаюш чорангуштӣ.

5

а) Бед кашид, бед кашид,
Аз реша сурху сафед кашид.

6

б) Бобом ба ғор даромад,
Ғор ба фарёд омад.

7

в) Чор по дораду як сум,
Дар тори саракаш — дум.

г) Каландари чор дандон,
Чарх мезанад дар майдон.

9

д) Бузи зарди бозингар,
На дил дорад, на чигар.

10

е) Чор пой дорад, як дум,
Дар байни думаш сутум.

11

ё) Шохтолиби сармаст,
Камари худ барбаст,
Даромад дар ғор,
Харчй овард ба даст,
Дод ба саркор.

12

ж) Шататурий, фататурий,
Саруш чурий, тагаш ғурий.

13

Бобоим дар Булғор,
Меравад дар ғор,
Мекунад ғул-ғул,
Меорад файзи бисёр.

14

з) Чор чилик, чормон чилик
Осмон ғурад, тасмачилик.

15

Рангаш ранги осмон,
Побандаш ресмон.

16

и) Чавони пастак
Хама шига бастак.

17

б) Рангаш ба ранги осмон,
Рӯдаш аз пас ошхон.

18

в) Обаша дех, тобаша дех,
Ба сараш мон, тела бидех.

19

Ин чавони қадпастак,
Ишки хамаро бастак.

20

д) Бузи хинги рӯдакашол.

21

е) Сар-сари ёла,
Рӯдаш кашола.

22

ё) Чист он лӯъбате, ки арзон аст,
Аксари вақт лек урён аст?
Хӯрда ангушти зулм дар паси худ,
Рӯдааш аз пасаш намоён аст?

23

Ду мори сиёҳ олама тай мезанад,
Барф мехурад, чоларо қай мекунад.

24

ж) Сари кӯҳи бедола,
Як сӯ барф, як сӯ жола.

25

б) Дар як дара ду море,
Хар ду кар-кар мекунад.
Хирмани барф бихӯрда,
Чоларо қай мекунад.

26

в) Ин чӣ кӯхе дар майдон,
Як сӯяш хирмани барф,
Як сӯ чолаю борон.

27

г) Аҷоиб кӯхе дидам дар майдон,
Як тараф хирмани барфу,
Як тараф чолаборон.

28

д) Дар сардара ду мор кар-кар мекард,
Барфро мехӯрд, чоларо кай мекард.

29

е) Сари кӯхи бузгола
Ай як сӯ барф меборад,
Ай як сӯи дигар чола.

30

Меруд, меруд ду лингаша,
Боло карда хоб меруд.

31

а) Меравад-меравад линги худро
Боло карда хоб меравад.

32

Пушт бар замин, пой дар ҳаво хоб меравад.

33

б) Очаш ба бачааш расида наметавонад

34

Хурӯси маст фиғон дорад,
Таноб гирди миён дорад.

35

а) Мегардад гирд-гирди бед,
Мекунад тухми сафед.

36

б) Аспи сиёҳи бозингар,
На дил дорад, на ҷигар.

37

Гирд-гирдаш бед,
Мелавад, мори сафед.

38

Кучкори масти бозингар,
Не дил дорад, не ҷигар.

39

Чист он лўъбате, ки ҷонаш не,
Хандаҳо мекунад, даҳонаш не
Гўши худро гирифта менолад,
Шикамашро ба хок мемолад?

40

Чун Осиёб гардиданаш,
Чун аждаҳо ғурриданаш,
Оҳанхуру оташфишон,
Мори сиёҳ бар гарданаш.

41

Хишт пою ду дум пеш-пеш,
Ду пои дигар аз пушт,
Дар мобайни зери реша,
Бузи кабуд мегардад.

42

а) Хишт по дорад, ду дум,
Каччўбак[1] пеш-пеш,
Ношхўрак аз дум.

43

Се моҳи тобистону се моҳи тирамоҳ,
Мехўрад, сер намешавад.

---

[1] каччўбак — тири самор.

44

а) Бузи хинги реша,
Чизе мехура геша[2].

45

Корд кунд намешавад,
Танӯр пур намешавад.

46

а) Аз думуш мекашӣ, пота дар гулуш мемонад.

47

Дум дорад, гӯш надорад.

48

Дум дораду гӯш надорад,
Хамаро мекафонад.

49

Какар-какар ду сар дорад,
Овози кабки нар дорад.
Хар кас чистонамро нагуфт,
Албатта, дарди сар дорад.

50

а) Як чизест, ки дандон дорад,
Лек чиз хӯрда наметонад.

51

Чист он лӯъбати даридашикам,
Хар чӣ ӯ мехӯрад дар ин олам.
Аз сафар соате наосояд,
Хама зи нафъи ӯ бурун ояд?

52

а) Ғилдур мекунад писта,
Чилдир мекунад писта.

---

[2] Геша — алаф.

62

б) Аз дур омад хаш-хаш,
Найзаҳош пешу пас.

63

в) Аз девор мехамбад хаш-хаш,
Табақи тилло таги каш.

64

Чист он лӯъбатаки шикамкӯхна,
Сари худ бар замин ҳамемолад.
Гар ду пояш гирифта бардорӣ,
Гӯши худро гирифта менолад.

65

г) Рӯзона кор мекунад, кор мекунад,
Шабона лингаша гирифта хоб меруд.

66

д) Алаҳушту малахушт,
Кокулҳош паси пушт,
Овозҳош маро кушт.



194100

Раҳ рафтани ошиқон,
Шилдир мекунад писта?

53

Бечон аз қафои чондор меравад.

54

Бузи кабут таҳ-таҳи реша.

55

а) Маҳ тағи каҳ.

56

б) Меравад зери замин,
Пур мекунад рӯи замин.

57

в) Он чист, ки сурати пайкон бошад,
Андар ҳаракат ба хок пинҳон бошад.
Бе ӯ набувад низоми олам ҳаргиз
Сармояи халқ лек аз он бошад.

58

г) Он чист ,ки сурати пайкон бошад,
Дар рафтани худ ба хок пинҳон бошад.
Бе ӯ набувад низоми олам ҳаргиз,
Сармояи умри одам аз он бошад.

59

д) Таг-таги замин як маҳ мегардад.

60

Аз ин чо то Ҳисор,
Тока чуфти лоллаор.

61

а) Осмони ғулдур-ғулдур,
Чор найзаву ду ҳайғур
Болораву ҳамикаш,
Тавақи тилло тай каш.

62

б) Аз дур омад хаш-хаш,
Найзаҳош пешу пас.

63

в) Аз девор мехамбад хаш-ҳаш,
Табақи тилло таги каш.

64

Чист он лӯъбатаки шикамкӯхна,
Сари худ бар замин ҳамемолад.
Гар ду пояш гирифта бардорӣ,
Гӯши худро гирифта менолад.

65

г) Рӯзона кор мекунад, кор мекунад,
Шабона лингаша гирифта хоб меруд.

66

д) Алаҳушту малаҳушт,
Кокулҳош паси пушт,
Овозҳош маро хушт.



194100

2—701



## АСБОБ ВА АНҶОМИ РУЗҒОР

67

а) Аҷоиб сурате дидам,
Миёни пушт дум дорад,
Аҷоибтар аз он бошад,
Ки шаш пову ду сум дорад.

68

б) Шаш по дорад у сумб,
Дар миёни пушташ думб.

69

в) Алӣ пеш-пеш, Валӣ аз дум,
Шашто пову як дум.

70

г) Шаш по дорад, ду шикам.

71

д) Шаш пой дорад, ду сум,
Болои сараш дум.

72

ё) Аҷоиб лӯъбате дидам,
Ки шаш пою ду сум дорад,
Ду кифт болои сар дидам,
Миёни пушт дум дорад.

73

е) Шашта пояш,
Якта танаш,
Дуто шикамаш.

74

Рӯз интизор,
Шабхо холи,
Хунобахӯр,
Мехмоннавоз.

75

Бобохаки ришсафед,
Меравад бар-бари бед,
Момонад пам сафед.

76

Ду шиштан, ду хестан.

77

Танаш чӯб, шикамуш рӯда,
Сараш латта, хӯрокаш санг.

78

а) Пушташ чӯб, шикамаш рӯда,
Нофаш латта, хӯрокаш санг.

79

а) Долони дарози мулло Богир,
Кур-кур мекунад, то табли охир.

80

б) Чизе бувад, ду ном дорад,
Хам хору хам гулом дорад,
Заргарбачаи чомагулгун,
Дар пешакаш маком дорад.

81

в) Чист он лӯъбате, ки чун гардун,
Хаст доманкашаш зи хад афзун?

Кокуле чанд дар миён дорад,
Бошад ӯро аҷаб асо ба дарун,
Ӯст коил ба кокулу ба асо,
Ҳар касе ёфт, эй аҳли фунун.

82

Поин таххуна,
Миёна меҳмунхуна.

83

а) Хонача, пури ходача.

84

Лик-ликон,
Обаш чаккон.

85

Чист алгунчаку малғунчак,
Мепартонш дар ҳар кунҷак?

86

Он чист, ки худаш намебинад,
Ба дигарон роҳ нишон медиҳад?

87

а) Бе забону бинӣ, бе чашму гӯш,
Меравад якҷоя дар ҳар ҷой чист?

88

б) Меравад-меравад,
Танга барин ҷойро мегирад.

89

в) Қоматаш дар ростӣ монанди сарв,
Нақши пояш зиёд аз танга нест.
г) Он чист, ки рӯз мегардад, мегардад,
Шаб танга барин ҷойро гирифта хоб меравад?

90

б) Бузи хинг,[1]
Дарва[2] тринг[3].

91

Чашмхояш чу гардиши айнак?
Чист миикори ӯ чун лаклак,
Баъди хӯрдан ҳамекунад хак-хак,
Ноф дорад зи пешу пас бешак.

92

а) Чист он ки дар даҳонаш,
Харчи афтад, реза-реза кунад?
Ба ду чашмаш агар ниҳӣ ангушт,
Корхо аз сари ситеза кунад.

93

б) Чист миикори ӯст чун лаклак,
Хар ду пояш: бувад чун айнак.
Нофи ӯ аз пас аст, ҳам аз пеш,
Вакти хӯрдан ҳамекунад чак-чак.

94

в) Як ноз кунад, чист?
Ду ноз кунад, чист?
Лелак ба ишкоф барӣ,
Лаб во кунад, чист?

95

г) Ду нӯг дорад,
Дута ғилдирак,
Дар миёнаш мех.

96

д) Ду нӯг, ду ҳалқача,
Дар миёнаш тукмача.

---

[1] Хинг — хокистаранг.
[2] Дарва — ба пеши дар.
[3] Тринг — хушёр, тайёр, ҳозир.

97

а) Аз токча парид,
Ҷомаам дарид.

98

ё) Як воз кунад курий,
Ду воз кунад курий,
Ангушт ба сӯрох барӣ,
Лаб воз кунад курий.[1]

99

ж) Як коз, ду коз,
Ангушти ман дар думби коз,
Даҳони коз шуд воз.

100

Хавои соф мебарад.

101

Бобои шергир,
Бағалаш пури фатир.

102

Чор пой дорад, рӯза надорад,
Ҷасад дорад, ишкам надорад.

103

Вай чӣ хел мор, ки ду сар дорад,
Аз ду сӯрохӣ сар бадар орад?

104

Дастам оҳан аст,
Банди дастам оҳанӣ

105

а) Хандон-хандон медароянд,
Гирён-гирён мебароянд.

[1] Курий — зог.

106

Чаккон-чаккон мебароянд.
б) Ларзон-ларзон медароянд.

107

Огили тангу торик,
Чувони сабзу борик.

108

Худаш якта,
Қабурғааш садта.

109

Амаки фарбех
Пусти ғавс дораду бамӯ.

110

Як падару як модар,
Боқимонда бародар.

111

а) Ин тараф тангкӯча,
Он тараф тангкӯча,
Миёнааш пури бача.

112

б) Як оча, чил бача,
Аз боло то поча.

113

Мардаки кука[1] чуфт мекунад.

114

б) Ғуломи миёнбаста лой мекӯбад.

115

а) Як шуф гуфтам дар номат,
Лулу кардам дар комат.

---

[1]Кука — чутур, марди кукӣ — марди чутур.

116

Шикамсери бесоя.

117

Оҳангарак, сӯзангарак,
Дар рун ӯ бозингарак.

118

Такар-тукур каҳрабо,
Дар даруназ маҳрабо.

119

а) Иру дара, уру дара,
Дар миёна овози бара.

120

б) Хонаи якболофа,
На дар дорад, на тиреза,
Ҳама хона бом дорад,
Ин хона бом надорад.

121

в) Сафедоре, ки як пуд бор дорад,
Худаш бе чону бораш чон дорад.

122

г) Дасти дарози ту сарсанг,
Дамча шикофи тах маҳкам,
Даруни чондор ва — ва,
Пистон кашон ма — ма.

123

Чист он лӯъбате, ки бе сару дум,
Чорпоест, лек ӯ бе сум.
Оташеро кашад дар оғӯшаш,
Чун бинӯшад чомаи бекум?[1]

---

[1] Бекум — беостин.

124

а) Гишт болои гишт,
Сиёхпўш омаду шишт,
Думдароз омаду бурд.

125

б) Як куланг омаду рафт,
Ду куланг омаду рафт,
Сиёхпўш омаду шишт,
Думдароз омаду лишт[1].

126

в) Гови зард шиками гови сиёхро мелесад.

127

г) Кизил-кизил киёмат,
Дахансиёх баромад,
Тар рафту, хушк омад.

128

Дар миёнаи чар, як бута кавар.

129

а) Чил ток,
Чил мон ток,
Чил хучра,
Чил пешток.

130

б) Рафтаму аз дур дидам,
Гунбази пурнур дидам,
Сесаду шаст хол дидам,
Дар дасти хар ёр дидам.

131

в) Чист он, ки як дахон дорад,
Чой дар дасти мехмашон дорад,
Тани ў хамчуи хонаи занбўр,
Захмхои сипон ба чон дорад?

[1] Лишт — лесидан

132

г) Он чист, ки як дахли дорад,
Баданаш ҳамчун хонаи занбӯр,
Ӯ барои махвашон доим,
Мекунад хизмати аз ҳад зӯр?

133

Худаш якта, гӯшаш чорта.

134

а) Свёхлӯш аз вей фаромад,
Бачагонаш пеш омад.

135

Дарун ачаб қиёмат,
Берун сиҳат-саломат.
Тар занамену хушк гирем,
Аз он кунем мо роҳат.

136

Пагоҳӣ шап-шап,
Нимрӯзи шап-шап,
Бегоҳи як бор шая.

137

а) Рӯз шап-шап,
Ай ними шаб, як шап.

138

б) Гирдогирди чаҳ
Чор намадча.

139

б) Ду по дорад, ду даст дорад,
Тахтапуштн деви маст дорад.

140

в) Як хонача, пури ходача,

132

г) Он чист, ки як дахон дорад,
Баданаш хамчун хонаи занбӯр,
Ӯ барои махвашон доим,
Мекунад хизмати аз хад зур?

133

Худаш якта, гӯшаш чорта.

134

а) Сиёхпӯш аз ван фаромад,
Бачагонаш пеш омад.

135

Доруи ачаб киёмат,
Беруи сихат-саломат,
Тар занамешу хушк гирем,
Аз он кунем мо рохат.

136

Пагохӣ шап-шап,
Нимрӯзи шап-шап,
Бегохи як бор шап.

137

а) Рӯз шап-шап,
Ай ними шаб, як шап.

138

б) Гирдогирди чах
Чор намадча.

139

б) Ду по дорад, ду даст дорад,
Тахтапушти деви маст дорад.

140

в) Як хонача, пури ходача,

141

г) Чорпоя хонача,
Даруташ пури гулгунча.

142

Болош бом, мулло имом.

143

а) Ҳама хоб ниии бедор.

144

б) Бобом на шаб мича мезанад, на рӯз.

145

Часад дорад, по надорад,
Шикам дорад, рӯда надорад.

146

а) Чизе ёфтам зи дарё,
Рангаш сурхи зардиамо.
Гап занй, акс мекунад,
Намедонам чй бошад.

147

б) Лӯъбате чист нағзу хокмизоч
Ки ба обест дар чаҳон хурсанд.
Даст бар сар ниҳода пиндорй,
Бар сари хеш мехӯрад савганд.

148

Ирӯ равам мезанй,
Урӯ равам мезанй,
Чиба мана мезанй?
Гардакама мехӯрй?

149

а) То нэзанй намедиҳад.

150

б) Ин сӯй равам мезананд,
Он сӯй равам мезананд.
Азобро ман мекашам,
Тиккаро дигарон хӯранд.

151

в) Токи тақам мезанед,
Уштоки тақам мезанед.
Нони гирдро шумо хӯред,
Мани асирро чӣ мезанед.

152

г) Аз осмони пастак,
Барфи зиёд меборад.

153

д) Бузак давида меравад,
Шираш парида меравад.

154

е) Ин рӯ девор, он рӯ девор,
Миёнаш кампири бемор.

155

ё) Аз ин дарак, ба он дарак,
Меҳмонаки ғазандарак.

156

ж) Оху ҷаста меравад,
Шираш рехта меравад.

157

Худаш якта, чашмаш садта.

158

Латифи лучак,
Поҳош дар кунҷак.

159

Ду пула харид кардам,
Хонаро равшан кардам.

160

Дар як дара як мор,
Дар сари мор нигор.

161

а) Шаб оиму рӯз ҷӯрӣ.

162

б) Вак-ваки вок-вок аст,
Сиёҳаруи лабчок аст.

163

в) Як мудаввар[1] ҳавз дидам, оби равшан дар миён,
Мурғи симинхукка[2] карда мори заррин дар даҳон.
Мурғ бошад кути[3] мору мор бошад кути мурғ,
Мор агар беоб афтад, мурғ монад дар зиён.

164

г) Ҳавзи сангин,
Оби рангин,
Мори печон,
Гули хандон.

165

д) Чист он доно ҳаким андар миёни новадон,
Мори симинхукка бошад, мурғи заррин дар даҳон.
Об бошад, кути мору мор бошад, кути мурғ,
Мор чун беоб монад, мурғ дармонад ба ҷон.

166

а) Аҷоиб сурате дар шом дидам,
Агар гӯям касе бовар надорад.

[1] Мудаввар — давра.
[2] Симинхукка — нуқрадаҳон.
[3] *Кут* — хӯрок.

Дарахте бар сарам як лаби пуртоб,
Дар он море, ки заррин халла дорад.

167

е) Даруни хавз обак,
Даруни обак морак,
Сари морак аловак.

168

ж) Бевая зол точи тилло дорад.

169

з) Тоҷ дар сар,
Бор дар хар,
Гул дар бар,
Сих дар дум.

170

и) Гови зард дар сари девор мегардад.

171

к) Ар-ари дароз дар сараш гул дорад.

172

Зогак зебо — зогак,
Чучамургак алогургак.

173

Як дарё, болош пури бурё.

174

Ғулочаки сиёхаки мо,
Хонабонаки мо.

175

а) Намечакад, намегазад,
Ба хона намемонад.

176

б) Як порча сиёҳак,
Ҳамеша дар пояк.

177

в) Устонорбой боло баромад,
Тарошид, харошид, фаромад.

178

Чист он дӯъбате, ки арзон аст,
Як сар асту ҳазор тан дорад.
Ҳар кӣ меҳмон шавад дар хонаи ӯ,
Хоки пояш ба дида бардорад.

179

а) Чист он ходими камаробаста,
Як тан асту ҳазор сар дорад.
Ҳар кӣ ӯро гирад ба хонаи хеш,
Хоки пояш ба дида бардорад.

180

б) Миёнаш бастагӣ,
Беруи хоб мекунад.

181

в) Ғуломаки миёнбаста,
Рӯ-рӯи ҳавлӣ часта.

182

г) Соли дароз,
Миёнаш бастагӣ.

183

д) Пуштӣ дар,
Химчаи тар.

184

е) Сартилтаки[1] миёнбаста.

[1] Тилт — ҷӯлида, парешон.

185

ё) Замин заранг аст,
Зардолуранг аст.
Ҳар кас наёбад,
Шахси гаранг аст.

186

Аз думчааш мегирем,
Пасту боло мебарем.

187

а) То аз думбуш[1] нагирӣ,
Ба токча роҳ намеравад.

188

Чилдир мекунад писта,
Шилдир мекунад писта.
Роҳ рафтани ошиқон,
Тақлид мекунад писта.

189

Осмони ҳафтум
Дар кафи дастум.

190

а) Аз дур дидам моҳро
Ба дил кашидам оҳро.
Он турки сеҳрангезро,
Зебо баландпарвозро.

191

б) Дасту по надорад, расм мекашад.

192

в) Он чист, ки чилваҳо карду шукуфт,
Чун ханда задӣ, зи шарм рухро бинуҳуфт.
Бе он, ки ба умри хештан дам бизанад,
Ҳар чиз, ки аз ту дид, филҳол бигуфт.

[1] Думбуш — думаш.

193

г) Тапутап менамояд,
Марди бад менамояд,
Бе ман чӣ тавр мекушояд?

194

Хонаи торик,
Дудаки борик.

195

а) Боло — шикоф,
Поён — шикоф,
Миёна — обу алов.

196

б) Аз дур дидам, бацур дидам,
Як ғумбази пурнур дидам.

197

в) Бобом ба комаш шох мехамбонад.

198

а) Мехи оҳанин, капчуки чӯпин.

199

б) Як ғулом дорум,
Хезумкаши бекому даҳон дорум.

200

Аҷоиб лӯъбате дидам,
Пой дораду панҷа не,
Даҳан дораду сар не,
Дандон дораду забон не.

201

Лабаш сиёх, даруноаш сурх,
Тар мекунад, сурх мешавад.

202

Аз ин ҷо то Машҳад,
Раги занҷира мекашад.

203

а) Рафтанаш сӯи кӯҳ,
Хӯрданаш барги кӯҳ.
Решаҳояш дар гарданаш,
Нӯгаш ба дасти дилбарак.

204

Шер мехобад,
Рубоҳ мегузарад.

205

Алокучак, балокучак,
Сиёҳкучак, гумдаронак.

206

Аз асп баланд,
Аз саг паст.

207

а) Задамаш зада шуд,
Кашидамаш кашида шуд,
Дугаш ҷаҳид,
Ҷаташ қайна[1] шуд.

208

б) Як задаму ду ҷаҳид.

209

в) Якта задам,
Дута ҷаҳид шуд.

210

Занӣ ҷонӣ ба ҷонӣ мекунад ҷон,
Чандто буданиш сумаку якто буданиш фоли.

[1] Қайна — рост.

211

Ин бар бед, он бар бед,
Дар миёнаш тухми сафед.

212

Шалдар-шулдуронем,
Зиннати гулрухонем.





## ХУРОКВОРИ

213

Тар мезанй,
Хушк меканй.

214

а) Сафедак медароянд,
Сурхак мебароянд.

215

б) Якташю яктагй,
Ба худаш часпидагй.

216

в) Буз дар камар,
Гург дар кабу[1].

217

г) Даҳонаш сиёҳ аломат,
Дарунаш сурх киёмат,
Тар задам хушк баромад,
Хандон кӯдак омад.

218

д) Чули чулон, пул овезон.

[1] Кабу кардан — пойда истодан.

219

ғ) Марди кука дар чар кашолай.

220

ж) Таг — санг, рӯ — санг,
Миёна — хакови[1] тезчанг.

221

з) Таг ланди, боло ланди,
Пур кошук, табақ қанди.

222

и) Ларзида медарод,
Чакида мебарод.

223

й) Зар варақ, зевар варақ,
Рӯ-рӯи об вар-вар варақ.

224

Аз чӯй парид,
Пӯсташ дарид.

225

Шаш сихи оҳанин,
Миёнаш равганин.

226

а) Гӯши боборо тофтам,
Миёни хавз партофтам.

227

б) Гӯшакашро тоб деҳ
Ба даруни об неҳ.

228

в) Сандукчаи заррин,
Бо лаззату ширин.

[1] Хаков — укоб.

Ҳам дилкашу ҳам гармак,
Гӯшҳое дорад нармак.

229

г) Тапо-тапо, таппӣ,
Гӯшташ гирифта хуллӣ.
Ойро рӯи табақ нех,
Лаби ҳавз бар сар дех.

230

а) Дарахти каллак кардагӣ,
Суфра ба сар кашидагӣ.

231

б) Таг-табақу, рӯй-батак,
Миёна фатири бенамак.

232

Таҳ-таҳи ов буз мекаша.
Рӯ-рӯи ов ғаша-ғаша[1]

233

а) Чодари андумандам,
Ба жорҳо бурандам,
Ба найзаҳо хӯрандам.

234

в) Рӯи ҳавз, як банд пахол.

235

г) Даруни дайро,
Як порча бӯйро.

236

д) Гилеми ғаша-ғаша,
Рӯ-рӯи об буз мекаша.

---

[1] Ғаша — дорида.

237

е) Духтари кокулдароз,
Меравад дуру дароз.

238

ё) Дукур-дукур дурайно,
Чумча катӣ — хӯрайно.

239

Ҳай кардем, ҳай кардем,
Ба калтак хам кардем.

240

Токчаи рӯфта,
Моҳи хорафта.

241

Чизи дар чизмоли дар,
Ҳавзи калон, маскаи тар.

242

Кабуд меандозем,
Зард мекашем.

243

Аз кӯҳ баромад ғалча,
Ба як ғалча чил чумча,
Ба чил чумча чил нахӯд,
Чил нахӯдро як кас хӯрд.

244

а) Бибии сафеди болаззат,
Чорта надодӣ аз ҷаззат,
Муште занам ба хирманат,
Фардо, ки хирманат пазад.

245

Зараш зардолу,
Сафедаш шафтолу,

237

е) Духтари кокулдароз,
Меравад дуру дароз.

238

ё) Дукур-дукур дурайно,
Чумча катӣ — хӯрайно.

239

Ҳай кардем, ҳай кардем,
Ба калтак хам кардем.

240

Токчаи рӯфта,
Моҳи хорафта.

241

Чизи дар чизмоли дар,
Ҳавзи калон, маскаи тар.

242

Кабуд меандозем,
Зард мекашем.

243

Аз кӯх баромад ғалча,
Ба як ғалча чил чумча,
Ба чил чумча чил нахӯд,
Чил нахӯдро як кас хӯрд.

244

а) Бибии сафеди болаззат,
Чорта надодӣ аз чаззат,
Муште занам ба хирманат,
Фардо, ки хирманат пазад.

245

Зараш зардолу,
Сафедаш шафтолу.

Хам дилкашу хам гармак,
Гӯшхое дорад нармак.

229

г) Тапо-тапо, тапӣ,
Гӯшташ гирифта хулӣ.
Оиро рӯи табақ ке,
Лаби хавз бар сар дех.

230

а) Дарахти каллак кардагӣ,
Суфра ба сар кашидагӣ.

231

б) Таг-табақу, рӯй-батак,
Миёна фатири бенамак.

232

Тах-тахи ов буз мекаша,
Рӯ-рӯи ов ғаша-ғаша[1]

233

а) Чодари андумандам,
Ба кордхо буракдам,
Ба найзахо хӯрандам.

234

в) Рӯи ҳавз, як банд пахол.

235

г) Даруни дайро,
Як порча бӯйро.

236

д) Гилеми ғаша-ғаша,
Рӯ-рӯи об буз мекаша.

---

[1] Ғаша — дорида.

237

е) Духтари кокулдароз,
Меравад дуру дароз.

238

ё) Дукур-дукур дурайно,
Чумча катӣ — хӯрайно.

239

Ҳай кардем, ҳай кардем,
Ба калтак хам кардем.

240

Токчаи рӯфта,
Моҳи хорафта.

241

Чизи дар чизмоли дар,
Ҳавзи калон, маскаи тар.

242

Кабуд меандозем,
Зард мекашем.

243

Аз кӯҳ баромад ғалча,
Ба як ғалча чил чумча,
Ба чил чумча чил нахӯд,
Чил нахӯдро як кас хӯрд.

244

а) Бибии сафеди болаззат,
Чорта надодӣ аз чаззат,
Муште занам ба хирманат,
Фардо, ки хирманат пазад.

245

Зараш зардолу,
Сафедаш шафтолу,

Валлоҳ, ки на зардолу,
Биллоҳ, ки на шафтолу.

246

а) Дар як шиша ду ранг об.

247

б) Қаландаргулоб чӣ бошад?
Самандаргулоб чӣ бошад?
Оташ расад ях кунад,
Ӯро ҷавоб чӣ бошад?

248

в) Дар алоа моӣӣ, ях мекунад,
Дар соя моӣӣ, об мешавад.

249

г) Зард асту зардолу нест,
Сафед асту шафтолу нест.

250

д) Чоряк гӯшту чоряк намак,
Шӯрбош шӯру гӯшташ бенамак.

251

е) Як хумча ду хел равган дорад.

252

ё) Косаи чинӣ обаш дурангӣ.

253

ж) Моеъ асту об нест,
Сафед асту барф нест.

254

з) Об дар об чӣ бошад,
Ҳавзи гулоб чӣ бошад,
Оташ расад, ях кунад,
Ҷавоби он чӣ бошад?

255

й) Аҷоиб як шиша, ки дорад ду хел об,
Надорад вай ба гармию хунук тоб.
Кунад ях ҳам зи сармои зимистон,
Ҳам аз гармии оташҳои сӯзон.

256

и) Он чист, ки ҳар касе писандад,
Ҳар лоларухе, ки дид ӯро,
Лабро бикушояду бихандад?
Оташ чу расид ях бубандад.

257

Офтоби зарри заррингор,
Дар паси кӯҳи парвардигор.

258

Зар малах, зарпо малах,
Аз кӯҳ парид, кунда карах.

259

Сандукчаи зарбандӣ,
Болошба шакарбандӣ,
Ҳай-ҳай, дилам месӯзад,
Мирзои Самаркандӣ.

260

Зар малах, зардоб малах,
Рӯ-рӯи об чарах-парах.

261

а) Зар варақ, заррин варақ,
Дар рӯи ях варақ-варақ.

262

Санги сафед лӯнда аст,
Гар ба об молиш диҳӣ,
Шири сафед медодаст.

263

Сурхак медароянд,
Сафедак мебароянд.

264

Тез-тез бар, хушк мешавад.

265

Сурхи ман дар сӯрох.

266

Зард аст, на зардолу,
Сурх аст, на шафтолу,
Чорбоғи ҳалимон аст,
Хӯрдани ҳакимон аст.

267

Шиғи тар,
Шиғмоли тар,
Ҳавзи гулоб,
Арзони зар.






## ПУШОКВОРӢ

268

Чоҳ то зону.

269

а) Аҷоиб лӯъбате дидам,
Ба қадаш ҷома буридам,
Ба сумаш наъли пӯлодӣ,
Даҳан аз фарқи сар дидам.

270

б) Рӯз пӯшидагӣ,
Шаб кушодагӣ.

271

в) То зону ду чоҳ,
Мегардан ҳамроҳ.

272

Рӯз пур, шаб холӣ.

273

а) Аз ду лабаш гирифтам,
Ба миёнаш задам.

274

в) То накашӣ аз ду гӯшаш,
Ду лабаш намедароят.

275

Аз ин чо то Дарвоз,
Дахонаш воз.

276

а) Меравад рӯ-рӯи ях,
Мекунад шарах-парах.

277

б) Аҷоиб лӯъбате дидам дар ин дор,
Рӯз то бегоҳ лой мекӯбад сад бор.

278

в) Се по дорад,
Рӯ ба боло дорад.

279

Рӯз ҳалак-ҳалак,
Шаб дахан ялак.

280

Як хонаи тапида,
Уро ҳама харида.

281

То аз гӯшаш накашӣ, намеларовад.

282

Рӯз мегардад, мегардад,
Шаб даханвоз хоб меравад.

283

а) Чистон аз лабуш бигир, бифрастон.

284

б) Рӯз мегардад, шаб қарорай.

285

в) Ба кӯча мебаронд он,
Агарчи лой ё борон.

Вале хушкӣ агар бошад,
Ҳамеша хонашин аст он.

286

Аз одам баланд, аз мурғ паст.

287

Ҳама вақт дар боло,
Ду шиштан, ду хестан.

288

а) Худаш якта, сараш дута.

289

б) Он чи чиз аст, ки ду даҳон дорад,
Лек гап зада наметавонад.

290

Шилтик-шилтик,
Кунчак чо-чо[1].

291

Хурӯсаки пешпахм,
Чӯчаяки хафтранг.

292

Худаш якта, думаш дута.

293

Сараш як, худаш ду,
Даромад дар тани ту.

294

Шаб чӯрӣ, рӯз бибӣ.

295

а) Рӯз болою шаб поин.

---

[1] Чо-чо — пинхон.

Аз дур дидам моҳе,
Ба дил кашидам оҳе.
Пештар рафта бубинам,
Як парчаи сиёҳе.





## ОДАМ ВА УЗВҲОИ БАДАН

297

Дег дар думба, думба дар дег,
Дег об мешавад, думба не.

298

Пагоҳӣ чорпо,
Пешинӣ дупо,
Бегоҳӣ сепо.

299

а) На токати гармӣ,
На токати сардӣ.

300

б) Саҳар хӯрдам якта нон,
Нимрӯзӣ хӯрдам дута нон,
Бегоҳӣ хӯрдам сета нон.

301

Ин тараф арра, он тараф арра,
Дар миёна гӯшти барра.

302

Токча пури мехча.

303

Хурмача, пури садафча.

304

Чист он осиё, ки гардиши ӯ,
На зи об асту на зи гардиши бод.
Санги зерини ӯ хамегардад,
Кас чунин осиё надорад ёд.

305

Тобистон ях мекунад,
Зимистон об мешавад.

306

Пояш мебиёд, кор дорад,
Боло меруд, бор дорад.

307

Сад бор мемолад,
Аз бех мезанад.

308

Химчаи тарак,
Лаб-лаби чарак.

309

а) Аз дур дидам, ба нур дидам,
Як гунбази пурнур дидам.

310

а) Хама чизро мебинаду,
Хамдигарро намебинад.

311

б) Ду бародар хамдигарро намешиносанд.

312

в) Як чуфт кабӯтари аловид,
Чуфтанд, зи хамдигар чудоянд.

Парвоз кунанд рӯи дунё,
Аз хонаашон бурун наоянд.

313

г) Чилбури алобуло,
Мерасад ба ҳама чо.

314

д) Чист он хонаи равон ба дар,
Ба берун нишаста як духтар,
Чун дароянд ба назди ӯ пой нанихад,
Мебароянд, ҳар яке аз як дар.

315

е) Токчаҳои рӯфтагӣ,
Бибичаҳои шиштагӣ.

316

Ин тараф девор,
Он тараф девор,
Миёнаш пахтазор.

317

а) Сандукчаи зарбандӣ,
Худкушоюю худбандӣ.

318

б) Кушой — кушода,
Пӯшӣ — пӯшида.

319

в) Аз офтоба об рехт,
Гӯё ки дар нов рехт.

320

г) Чист он гунбази мудаввар,
Равзане дораду надорад дар,
Андаруиаш хазинаи лаъл аст,
Ҳар яке лаъли ӯ ҳазор гуҳар?

303

Хурмача, пури садафча.

304

Чист он осиё, ки гардиши ӯ,
На зи об асту на зи гардиши бод,
Санги зерини ӯ ҳамегардад,
Кас чунин осиё надорад ёд.

305

Тобистон ях мекунад,
Зимистон об мешавад.

306

Поин мебиёд, кор дорад,
Боло меруд, бор дорад.

307

Сад бор мемолад,
Аз бех мезанад.

308

Химчаи тарак,
Лаб-лаби чарак.

309

а) Аз дур дидам, ба нур дидам,
Як гунбази пурнур дидам.

310

а) Ҳама чизро мебинаду,
Ҳамдигарро намебинад.

311

б) Ду бародар ҳамдигарро намешиносанд.

312

в) Як ҷуфт кабӯтари алоянд,
Ҷуфтанд, зи ҳамдигар ҷудоянд.

Парвоз кунанд рўи дунё,
Аз хонаашон бурун наоянд.

313

г) Чилбури алобуло,
Мерасад ба хама чо.

314

д) Чист он хонаи равон ба дар,
Ба берун нишаста як духтар,
Чун дароянд ба назди ў пой нанихад,
Мебароянд, хар яке аз як дар.

315

е) Токчахои рўфтагй,
Бибичахои шиштагй.

316

Ин тараф девор,
Он тараф девор,
Миёнаш пахтазор.

317

а) Сандукчаи зарбандй,
Худкушою худбандй.

318

б) Кушой — кушода,
Пўшй — пўшида.

319

в) Аз офтоба об рехт,
Гўё ки дар нов рехт.

320

г) Чист он гунбази мудаввар,
Равзане дораду надорад дар,
Андарунаш хазинаи лаъл аст,
Хар яке лаъли ў хазор гухар?

321

д) Сандукча — пури мехча.

322

з) Токча-пури чавҳарча.

323

ё) Як ӯғурча-пури садафча.

324

ж) Дар ҳучраи деҳконон,
Сию ду тан паҳлавон.
Металабй аз панч деҳқон,
Мекунад пора-пора ангуштон.

325

Таг санг, боло санг,
Боло себи Самарқанд,
Боло онвап равшан,
Боло тахти Сулаймон,
Боло бозори гӯсфанд.

326

а) Арра ба арра мехӯрад,
Теша ба теша мехӯрад.
Болон ӯ рӯғангарон,
Болон ӯ дарён Ғунд.

327

б) Таг санг, боло санг,
Боло тепи Самарқанд,
Боло анори Тошканд,
Боло ду айни равшан,
Боло тахти равон аст,
Боло бозори гӯсфанд.

328

в) Ҳаппая ба ҳаппа мон,
Он тараф рӯғангарон,
Он тараф рӯшангарон,

Он тараф тиру камон,
Он тараф тахти равон.

329

Хоб равам, хоб меравад,
Аз ман чудо намешавад.

330

а) Ба хама чиз мечаспад.

331

Дар серй лоғар,
Дар гуруснагй кофар.

332

Даруни косаи чинй
Дарёи Аму бинй.

333

То аз дасташ нагирй, намеравад.

334

Мохи даруни парда,
Гардан дароз мекард,
Бе обу бе тахорат,
Чандин намоз мекард.

335

Як қавза хасак
Дар тори катак.

336

а) Дар нўги кашак
Як кабза намад.

337

Мемолй хаст, мебинй нест.

338

Нӯҳ моҳ дар зиндон,
Ду сол дар банд,
Хӯрокаш рӯзе лахчак.

339

Тофтем, тофтем,
Паси кӯҳ партофем.

340

Нимча гӯшти мазор,
Рагу пай дорад ҳазор.
Ҳама хӯрда аз ҳамон.
Нӯлакаш лум-луми лум.

341

Як шуф дорам дуто номаш,
Ишкам ба макам дорад.
Чил чӯри, чил гулом дорад.

342

Ду бародар доимо
Равона дар ҳар кучо,
Яке аз пеш ё кафо,
Ҳамроҳ мегардан бачо.

343

Чист он, ки мил надорад,

Вале чун соат тик-тиқ мекунад?

344

а) Яхак лаби чар.

345

б) Аз кӯҳ баромад ду галча,
Мезанам парча-парча.

346

Аз дур сел омад,
Панч чавонмард аз пеш омад.

347

а) Яхманак[1] лаб-лаби ҷар.

348

б) Аз боло омад ду кас,
Гирифта партофт панҷ кас.

349

в) Ин тараф тангкӯча,
Он тараф тангкӯча,
Миёнаш гурбача.

350

г) Аз ду дара сел омад,
Панҷ мор аз пеш омад.

351

д) Аз ду дара сел омад,
Панҷ муллобача пеш омад.

352

Ҳуҷра ба зар харидем,
Даста ба дил газидем,
Харчанд ҷафо кашидем,
Ҳаргиз вафо надидем.

353

Дар болои ду теппа як теппа,
Дар болои як теппа панҷ теппа.

354

Аҷоиб ҷанваре дидам дар ин дашт,
Ба ҷон дуву ба тан сею ба по хашт.

355

а) Аҷоиб аждаре дидам дар ин дашт,
Танаш панҷу сараш панҷу нафас чор,

[1] Яхманак — як намуди меваи худрӯи кӯҳӣ.

Ба ҳашт по меравад даҳ даст дорад,
Ду пои дигаре болои сар бор.

356

Чилдир мекунад писта,
Шилдир мекунад писта,
Дар маҷлиси ошиқон
Гулдур мекунад писта.

357

Даҳ ангушт ба саломи чор ангушт меравад.

358

Як суфача, панҷ бибича.

359

а) Таҳум суфача,
Торум суфача,
Дар тораки суфача,
Шиштай панҷ бибича.

360

б) Чист он, ки панҷ сар дорад,
Сараш мурдаю танаш зинда бувад.
Панҷ сар чун фурӯ раванд ба шикам,
Ҳамчу гурзи гарон бармолад?[1]



[1] Бармолидан — зер кардан, пахш намудан.



## МАНЗИЛГОҲ ВА БИНОҲОИ ҶАМЪИЯТ

361

Тахт болои тахт,
Нимтахт болои тахт.

362

а) Аҷоиб ҷонваре дидам,
Ба пеши сина пар дорад,
Ба пояш наъли пӯлодӣ,
Даҳон болои сар дорад.

363

б) Сарпо омаду пӯстин ба сар кард,
Чун хар ҳанг заду гӯшҳоро кар кард.

364

в) Ноф дар ноф,
Мех дар шикоф,
Барф меборад,
Дар ҳавои соф.

365

г) Аз як дара об мерезад,
Аз як дара барф мерезад.

366

д) Аз боло гир-гир омад,
Ба монанди тир омад,
Шашдандона бирақсад,
Як паҳлавон гардон шуд,
Мардум ҳама ҳайрон шуд.

367

е) Аспи сиёҳи мардум,
На ёл дорад, на дум.
Дар хонаи одамон,
На чав мондай, на гандум.

368

ё) Сурхак мехӯрад,
Сафедак мебарорад.

369

ж) Об наёмад, орд омад,
Аспе, ки ба чанг омад,
Овози куланг омад.

370

з) Хум-хуми рубоб омад,
Аз сарҳад ба даш омад,
Алмастӣ бизад акса,
Курбарзангӣ мерақсад

371

и) Уқоби тезчанги мо,
На пул дорад, на дум.
Об хӯрад зи дарё,
Хӯроки ӯ зи гандум.

372

й) Шаб хоб наравад булбулак,
Рӯз хоб наравад булбулак,
Ором надорад булбулак.

373

к) Аҷоиб лӯъбате дидам,
Даҳан болои сар дорад.
Ба зери панҷааш пӯлод,
Миёнаш шашта вар дорад.

374

л) Мурғи кулангги бедум,
Ҳам об хӯрад, ҳам ғандум.

375

н) Обаш додам фаровон,
Сар додамаш ба майдон,
Шодӣ карду бозӣ кард,
Ҳама касро розӣ кард.

376

о) Фир-фир мекунад,
Сафедак медиҳад.

377

п) Уштури кулангги бедум,
На ҷав хӯрад, на ғандум,
Об хӯрад зи дарё,
Нафъ диҳад ба мардум.

378

р) Мехурад дон ба умед,
Мепошад барфи сафед.

379

с) Аждаҳое, ки хорпушт бувад,
Ҳарфҳояш басе дурушт бувад,
Мехӯрад рӯзии ҳама мардум,
Даҳонаш дар миёни пушт бувад.

380

Чиғ-чиғи дар,
Чиғмоли дар,
Ҳавзи зулол,
Бодоми тар.

381

а) Ғиж-ғиж дар,
Ғижмоли дар,
Ҳавзи кабуд,
Мокуи тар.

382

б) Хар дар бор, бор дар хар,
Сих дар дум, тоҷ дар сар.

383

а) Ҷиғи дар, чиғмони дар,
Ҳавзи калон, маскан тар.

384

г) Пир-пирак боло меравад,
Аз оқибаш шӯрбо меравад.

385

д) Чист он лӯъбате, ки ӯ нохуфта,
Шабу рӯз бувад машғули гуфта,
Қатра-қатра об зи ӯ падид ояд,
Хар киро давои ишкам бояд?

386

а) Чист он чисти молҳо чист,
Сесад сутуну гардан сари кифт?

387

б) Он чист дар биёбон маскан дорад,
Сесад суруку[1] даҳ гардан дорад?

388

Хонаи торик,
Ҷувони борик.

389

а) Яктааш сарам мегӯяд,
Яктааш дилам мегӯяд.

---

[1] Сурук — рамаи калон

390

б) Аликалта Алидароза хуч мекунад,
Алидароз резурова хуч мекунад,
Резуров хасу хошок хуч мекунад.

391

Чилта муллобача дар як тагсарӣ сар мемонанд.

392

Хар дар дарун,
Гӯшакош дар берун.

393

Ҳамеша бо меҳмон,
Сад дуздбача хафт дузди калон.

394

а) Ду таксарии сахти маҳкам,
Ба рӯи он чил сар ҳам.

395

б) Дар як таксарӣ чил сар,
Дар болои чил сар бори сад хар.

396

Сад сатилу сад шона,
Сад сандалию паймона,
Ин қадар ғалоғулӣ,
Мисли каси девона.

397

а) Боло нам, поён нам,
Миёна мардуми олам.

398

б) Аҷоиб лӯъбате дидам дар ин дашт,
Сараш дар об, думболаш дар оташ,
Ба як дам мекашад сад одамиро,
Бароянд ҳар яке з-он хубу зебо.

399

в) Сатил-сатил об равон,
Аз болои одамон,
Овози ғалоғула,
Чаранг-чурунг фаровон.

400

Деги чорғуша,
Дар ҳама ҷо мечӯша.

401

Оспун-респун,
Абдуллои беустуғун.

402

Не дар замин, не дар осмон,
Болошда мебарой, говарачунбон.

403

Аҷоиб лӯъбате хушкор бошад,
На дар хобу на дар бедор бошад,
На ӯро кас харад, на кас фурӯшад,
Ҳамеша дар сараш бозор бошад.

404

Субҳ дамид, боғ ки пурмева шуд,
Шайх мурду чор занаш бева шуд.

405

Як болишти баланд,
Гирдаш нукрабанд,
Ҳай-ҳай Мирзочон,
Токи Самарқанд.



## ҶИСМҲОИ ОСМОНӢ

406

Шахе дидам, ки ҳафт кишвар дорад,
Сесад ҳараму ду моҳи анвар дорад.

407

а) Як чодари зангорӣ,
Шабҳо пуру рӯз холӣ.

408

Гилеми ранга-ранга,
Даруваш пури танга.

409

Гилеми калон дорем,
Шипонда наметонем,
Пули бисёре дорем,
Шумўрда наметонем.

410

а) Латти кабутак,
Пури нахўтак.

411

б) Чодари кабуд,
Пур аз нахўд.

412

в) Аз ин ҷо то Ҳисор,
Як чодари лолазор.

413

г) Намади додома
Бардошта наметонем,
Пулҳои додома
Шумурда наметонам.

414

д) Саҳрои васеъ дорем,
Тай карда наметонем.
Гӯсфанди бисёр дорем,
Шумурда наметонем.

415

е) Дарахти калони чанбул,
Сад барг дорад, ду гул.

416

ё) Як дарахти лолагун,
Сад шох дорад дуто гул.

417

ж) Чияки чиякон, аковиишон,
Зоғи сиёҳ, кафтари дав-давон.

418

з) Рӯймоли кабуд,
Даруиаш пури қурут.

419

и) Аспро бастан дар мазор,
Ёлу думаш сад ҳазор.

420

й) Як бом арзан,
Саҳар хестам ҳеҷ чиз не.

421

к) Як замини ҳою хуй,
Якта баргу садта гул.

422

л) Дар баландӣ — баланд,
Дар сахтӣ — сахт,
Дар давандӣ — даванд,
Дар кабудӣ — кабуд.

423

м) Таг тағора, боло нағора,
Сад гули чечак, як гули лола.

424

Аз ин ҷо то Ҳисор,
Ҷуфту тоқу лолазор.

425

а) Шаб пур бошаду нур резад,
Рӯз, ки шуд боз бигрезад.

426

б) Аз дур дидам йилиқ-йилиқ,
Пешаш рафтам, қулфу калид.

427

Таги тағора, сутун манора,
Як гули ҳолмон, сад гули лола.

428

а) Дар шаби тор нисфи фатир,
Атрофаш арзанистон.

429

Ҳар рӯз мезояд,
Боз ҳамон духтар.

430

а) Зар малах, зарпо малах,
Аз кӯҳ парад, кунду карах.

431

б) Аз хама чиз равшан,
Бе ӯ набувад гулшан.

432

в) Бузи зарди зарригор,
Паси кӯхи кулладор.

433

г) Шабраву рӯзбиё.

434

д) Аз кӯҳ баромад амири хаш-хаш,
Сар то кадамаш чомаи мунаккаш.

435

е) Якта фатир, хама олам сер.

436

ё) Рангзарди рӯи чахон,
Гармияш бахти чахон.

437

ж) Худаш калону соя надорад.

438

з) Чист он ки ду асту се намешавад?

439

и) Аз кӯҳ мебароянд ду подшох,
Зилзилаи аксашон чахонеро.
Доранд писарони далеру дилбар,
Аз чехраашон чахон мунаввар.

440

й) Як падару як модар,
Боқӣ ҳама бародар.

441

Якта нон, лаби бом.

442

а) Он чист дар шаби тор,
Бар чашми мо намояд,
Аз фазои беғубор,
Ба олам нур физояд?

443

б) Чист он подшоҳи ҳафт иқлим,
Бо ҳазорон савор мегардад.
Ногаҳон як савор пайдо шуд,
Омада фавчи шоҳ барҳам зад?

444

в) Офтобаки рӯи равзан,
Гоҳ торику гоҳ равшан.





## ТАБИАТ ВА ХОДИСАҲОИ ОН

445

Аз кӯҳ баланд,
Аз чорӯб паст.

446

а) Аз алаф паст,
Аз кӯҳ баланд.

447

б) Арғамчини дароз,
На бурию тӯб кунй.

448

Саллаи дарозй бобим[1],
Бе тобу печ аст, доим.

449

Ман давам, ӯ медавад
Ман истам, ӯ меистад.

450

а) Об занам, нам нагирад,
Шамшер занам, қалам нагирад.

[1] Бобим — бобом.

451

б) Ба об дароянд, тар нашавад,
Ба лой дароянд, нам нашавад.

452

в) Дарё равад, тар намешавад,
Ба чар афтад, чар намешавад.
Ба ҳама чиз шарик бувад,
Ба об афтад, тар намешавад.

453

д) Аҷоиб ҳолате дидам, дар ин дашт,
Ки ҷондор ҳамраҳи беҷон мегашт.

454

е) Сараш яку пояш ду,
Меравад, пеш-пеши ту.

455

ё) Аз бом намеафтад,
Дар оташ намесӯзад.

456

Болои бом «шилапазон»

457

Ҳулаш дар осмон,
Пояш дар замин.

458

а) Уштури гарданбаланд,
Сӯи ҳаво меравад.
Баҳалаш танга — тилло,
Гушна чаро меравад?

459

Аз ин дара овоз омад,
Аз он дара овоз омад.

---

Шила — шавла.



## ТАБИАТ ВА ҲОДИСАҲОИ ОН

445

Аз кӯҳ баланд,
Аз ҷорӯб паст.

446

а) Аз алаф паст,
Аз кӯҳ баланд.

447

б) Арғамчини дароз,
На бурию тӯб куний.

448

Саллаи дарозӣ бобим[1],
Бе ҷобу печ аст, доим.

449

Ман давам, ӯ медавад
Ман истам, ӯ меистад.

450

а) Об занам, нам нагирад,
Шамшер занам, қалам нагирад.

[1] Бобим — бобом.

451

б) Ба об дарояд, тар нашавад,
Ба лой дарояд, нам нашавад.

452

в) Дарё равад, тар намешавад,
Ба чар афтад, чар намешавад.
Ба ҳама чиз шарик бувад,
Ба об афтад, тар намешавад.

453

д) Аҷоиб ҳолате дидам, дар ин дашт,
Ки ҷондор ҳамраҳи беҷон мегашт.

454

е) Сараш яку пояш ду,
Меравад, пеш-пеши ту.

455

ё) Аз бом намеафтад,
Дар оташ намесӯзад.

456

Болои бом «шилапазон»

457

Худаш дар осмон,
Пояш дар замин.

458

а) Уштури гарданбаланд,
Сӯи ҳаво меравад.
Бағалаш танга — тилло,
Гушна чаро меравад?

459

Аз ин дара овоз омад,
Аз он дара овоз омад,

[1] Шила — шавла.



## ТАБИАТ ВА ҲОДИСАҲОИ ОН

445

Аз кӯҳ баланд,
Аз ҷорӯб паст.

446

а) Аз алаф паст,
Аз кӯҳ баланд.

447

б) Арғамчини дароз,
На бурию тӯб кунӣ.

448

Саллаи дарозӣ бобим[1],
Бе тобу печ аст, доим.

449

Ман давам, ӯ медавад
Ман истам, ӯ меистад.

450

а) Об занам, нам нагирад,
Шамшер занам, қалам нагирад.

[1] Бобим — бобом.

451

б) Ба об дароя́д, тар нашавад,
Ба лой дароя́д, нам нашавад.

452

в) Дарё равад, тар намешавад,
Ба чар афтад, чар намешавад.
Ба хама чиз шарик бувад,
Ба об афтад, тар намешавад.

453

д) Ачоиб холате дидам, дар ин дашт,
Ки чондор хамрахи бечон мегашт.

454

е) Сараш яку пояш ду,
Меравад, пеш-пеши ту.

455

ё) Аз бом намеафтад,
Дар оташ намесӯзад.

456

Болои бом «шилапазон»

457

Худаш дар осмон,
Пояш дар замин.

458

а) Уштури гарданбаланд,
Сӯи хаво меравад.
Бағалаш танга — тилло,
Гушна чаро меравад?

459

Аз ин дара овоз омад,
Аз он дара овоз омад,

---

Шила — шавла.

Рӯбохи думдароз омад,
Бо сад фиғон дартоз омад.

460

а) Аз дур омад ҳаш-ҳаш,
Чаккаҳояш таги каш.

461

б) Ай дур омад ҳаш-ҳаш,
Чӯчикош[1] дар таи каш.

462

Аз ин ҷо то Мадина,
Тинг-тинги дона-дона.

463

Шир-шири ширак,
Довдонҳои тирак.

464

Меравад-меравад,
Ба ақибаш нигоҳ намекунад.

465

а) Ар-ари дароз соя надорад.

466

б) Як мардаки хушсафар,
Меравад ба ҳар хатар.

467

Банди дарози дилрабо,
Меравад гирди дунё.

468

в) Ҳама вақт дар сафар аст,
Фикри кафо надорад.

[1] Чӯчик — хезум, хасу хошок.

469

д) Сафедор ар-ар,
На реша дорад, на барг,
На соя дорад, на самар.

470

Сандукчаи зулбиё,
Худбандаку худкушо.

471

а) Пирамарди бохунар,
Бе арраю бе табар,
Месозад кўпрук.

472

б) Сандукчаи зарбандӣ,
Худкушою худбандӣ.

473

в) Сандукчаи зар бастам,
Даруназ шаккар бастам.
Ҳай-ҳай дилакам мерад,
Мирзои Самарқандӣ.

474

Ҳасан имрўз сафар кард,
Сад қишлоқа хабар кард.

475

а) Алиакбар сафар кард,
Сад дараро хабар кард.

476

б) Аспи сиёҳи кашқарӣ,
Такя кунам мешиканӣ.
Такяи мо амал дорад,
Ҷумла ҷаҳон хабар кунад.

477

в) Шиғак-шиғак лашкарӣ,
Такя кунам, мешиканӣ,

Такяи мо амал дорад,
Аз хама чо хабар дорад.

478

Ачоиб гунбазе дидам,
Бувад он гунбази бедар,
Вале девори он бошад,
Зи пўсти тухм нозуктар.

479

Пешам омад мурдаранг,
Аз дур дидам пирпаланг.

480

Чор чилик, чормон чилик,
Осмон ғуррид, замин дарид.

481

а) Хари Хасан ханг зад,
Нўх олама хабар кард.

482

б) Бе даст такар-тукур мекунад,
Бе алов дармегирад.

483

Чист он лўъбате, ки чонаш нест,
Хандахо мекунад, лабонаш нест.
Гиряхо мекунад, надорад чашм,
Нолахо мекунад, дахонаш нест.

484

Мепараду параш не,
Мешинаду пояш не.

485

а) Аз осмон афтад намешиканад,
Аз дарахт афтад мешиканад.

486

б) Дар сари санги сафед,
Як бобои мӯйсафед,
Дар дасташ асои бед.

487

в) Аз хеш-хешат бинам,
Дуру дарвешат бинам,
Аз об бобои мӯсафед,
Аз хама пешат бинам.

488

г) Дар тори бед,
Тухми сафед.

489

д) Лайлак ба хаво парид,
Афтоду танаш дарид.

490

Аз дур омад ҳаш-ҳаш
Шохи дарахта бишкаст.

491

а) Мегардаду медавад,
Ба ҳеч ҷой намерасад.

492

б) Дасту по надорад,
Ҳамаро мечунбонад.

493

в) Тапу тап менамояд,
Марди бад менамояд,
Бе ман дар мекушояд.

494

г) Тап-тапи тап менамояд,
Одами бад менамояд,
Таги дар чорӯб мондам,
Канӣ чӣ таврӣ мекушояд.

495

а) Гилеми заррин,
Бораш вазнин.

496

б) Гунбазе дидам, ки дорад шохҳои бешумор,
Андар он гунбаз бидидам се бахои беканор,
Боз бистои дигар аз он, сета хурдтар аст,
Панчаҳои бешумори ӯ зи ҳад афзунтар аст.

497

в) Зар гилем, заррин гилем,
Аз ҳар чӣ вазнинтар гилем.

498

Табакча пури анор,
Мард бошӣ, бубардор.

499

а) Чист он лӯъбате, ки бебок аст,
Рафтани ӯ ба сӯи афлок аст.
Хӯрдани ӯ гиёҳу ҳар киро хазар аст,
Сӯфтан ӯ зи ахмари пок аст.

500

б) Қади бобом як вачаб,
Ришашон сад вачаб.

501

б) Бобом дар таххона,
Ришаш дар болохона.

502

е) Очааш як газ,
Бачааш чил газ.

503

г) Гови сурх шикамн гови сияҳа мелеса.

504

ё) Оташак мезад андар шар-шара,
Токнаш пӯлоду думаш қар-қара.

505

ж) Сурхи сурхон киёмат,
Даҳан сиёҳ баромад,
Тар рафту хушк омад.

506

Сари кӯҳу миёни осмон,
Об мепошад як паҳлавон.

507

а) Аз дур дидам чи масте,
Шохчаи гул ба дасте,
Роҳ гирифт ба осмон,
Миёнакаш шикасте.

508

б) Лаб-лаби пориса[1] лаб мелеса.

509

в) Як порча абри сиёҳ,
Равон шавад ба ҳаво

510

г) Уштури гардандароз,
Меравад дуру дароз.

511

Даҳон надорад, гап мезанад,
Пой надорад, роҳ мегардад.

512

а) Заминшинак куи надорад,
Роҳгардак по надорад.

[1] Лаб-лаби пориса — лаб-лаби бом.

Ҳарчопарак пар надорад,
Чингиласарак мӯ надорад.

513

б) Сафедиаш шир барин,
Кабудиаш нил барин,
Нишастанаш мир барин,
Роҳ меравад тир барин.

514

в) Мепараду бол надорад,
Мегардаду по надорад,
Чингиласарак мӯ надорад.

515

Бобом ба комаш чоҳ меканад.

516

Корд кунд намешавад,
Табақ пур намешавад.

517

Сандуки Сулаймонӣ,
Дар дашту биёбонӣ.

518

а) Хучраи торик дар надорад.

519

б) Сандукчаи хил-хилӣ,
На дар дорад, на калид.

520

в) Чист гумбази амонӣ,
Дар дашту биёбонӣ?

521

Модараш качу килеб,
Падараш йўрғакунон,

Духтараш бозингарон,
Писараш куръонхон.

522

Ширинии рӯи дунё чӣ?
Талхии рӯи дунё чӣ?
Кабудии рӯи дунё чӣ?
Паррандаи рӯи дунё чӣ?

523

Он чист, ки сар то сари ӯ ҷумла забон аст,
Он чист, ки шаб то ба саҳар ҷумла фиғон аст,
Он чист, ки бе дасту сару пой равон аст,
Он чист, ки андар шикамаш халқ ниҳон аст?






## СОЛ ВА ФАСЛҲОИ ОН

524

Қоштам коштам як палак,
Андохт дувоздаҳ хандалак.

525

Осмони ғулдур-ғулдур,
Дувоздаҳ гулу ду булбул.

526

Дорад духтари нағзакак,
Дувоздаҳ кокули хушбӯяк.
Духтар худаш кист?
Кокули хушбӯяш чист?

527

а) Чист он лӯъбате, ки дорад чор шохе дар сараш,
Дар сари ҳар шохи ӯ се духтари симинбораш.
Ҳар яке аз духтарон оғӯш карда сӣ писар,
Ҳар писар андар назар як рӯ сиях, як рӯ камар.

528

б) Аҷоиб як дарахте ҳаст дар ин боғ,
Ки як тан дораду дувоздаҳ шох,
Ки ҳар як шохи ӯ сӣ барг дорад,
Яке рӯи сафеду сияҳ рӯи дигар дорад.

529

в) Аждаре дидам: чор шох андар сараш,
Бар сари ҳар шохи ӯ се духтари афсунгараш,
Бар сари ҳар духтаре пайваста дидам сӣ писар,
Сӣ писар, чонон писар, ширин писар, хандон писар.

530

г) Як дарахти пур аз гул,
Чор баргу сесаду шаст гул.

531

д) Дувоздаҳ мург, 52 кабк ва 365 чӯча-
Ҳамеша аз як тухм мебароянд.

532

Дар омаданаш ҳама шуд лолаву гулзор,
Дар рафтанаш ҳама пур аз читу газвор.

533

Зоғе дидам сиёҳ монанди мидод,[1]
Аз вай мурги сафед чун барф бизод,
Ин турфа, ки дар он дам мурги сафед,
Парвоз намуду байзаи заррин дод.

534

Офтобаки сари равзан,
Гоҳ торику гоҳ равшан.



[1] Мидод — қалами сиёҳ



## ХАЙВОНОТ

535

Хаст болаш, намекунад парвоз,
По надорад, вале равон дартоз.

536

а) Ғеҷу-ғеҷон аҷабо,
Пеҷу пеҷон аҷабо,
Ҷо дар шикамп модар,
Бача ба ҷоя аст, аҷабо.

537

б) Аз модари беҷон,
Фарзанди ҷондор мерӯяд.

538

в) Даҳон дораду забон надорад,
Сад чӯб занӣ, фиғон надорад.

539

г) Қанот дорад, намепарад,
Ба рӯи замин намегардад.

540

Кӯҳаки ларзон,
Дарахти хазон.

541

Сандуқ даруни чаҳ,
Миёнаш чор лӯлибача.

542

а) Дар таки суфаи калон,
Мебинӣ чаҳор посбон,
Даст нарасон, вагарна,
Сафед кунад дастатон.

543

б) Таги кӯпрӯк — чор суғута.

544

в) Чор додарон дар биёбон,
На барф мерасад, на борон.

545

д) Ҳавзе, ки дар он мӯй нағунчад ба миён,
Нӯшанд аз он об ҳама ҷонварон,
Он ҷонварон не, ки паранд ба ҳаво,
Аспу шутуру гову хару одамиён.

546

е) Таги кӯпрук — чор девор.

547

а) Чор вош-воши вош,
Чор замин латкун,
Ду ситорабин,
Як пашаҳайкун.

548

б) Ду дурбин, ду осмонбин,
Чор заминкӯб, як заминрӯб.

549

в) Дуто дорад, осмонкӯб,
Якто дорад, заминрӯб,

Чорта дорад, рӯғанӣ,
Чофто дорад, заминкӯб.

550

Як вачаби мухтасар,
Серпашми кафидасар.

551

а) Аз як вачаб кӯтохтарак
Аз чор ангушт дарозтарак,
Серпашмаки боқувватак,
Дар даруни ду кафшакак.

552

Як порча санги қахрабо,
На дар замин, на дар ҳаво.

553

а) Бӯғчаи дилрабо
Не дар замин, не дар хаво.

554

Тобистон чойлов меравад,
Зимистон ба чӯл мехамбад.

555

Чих гуфтам, хоб рафт.

556

а) Ай дур омад, ҳумбу-ҳумб,
Почакдарози калтадумб.

557

б) Ҳавзи кулум-кулум,
Почадароз калтадум.

558

в) Дарози лаванд,
Зӯри гаранг.

559

г) Аз дур омад, сербуғум,
Почадарози калтадум.

560

Аз дур омад, ҳиндучашми гулдурмонӣ,
Хонаи таҳзаминӣ дорад,
Роҳи надаромаданӣ.

561

Дарахтбаро одам нест,
Боғдузд парранда нест.

562

Хезад чорпо сандалича,
Хоб рафт, бепо сабадча.

563

Мерад, мерад, ғалбер барин,
Ҷоя гирифта хоб мерад.

564

Шикам карбос,
Дум дукӣ
Даҳон палос.

565

Паҳавонест, ки ба ӯ ҳамроҳ даркор нест,
Таёқ гирад, даҳмарда даркор нест.
Хуштак кашад мисли чӯпон,
Чормағз шапад мисли боғбон.

566

Тап-тапи по шуд,
Беваи малул[1] куҷо шуд?

567

а) Чор чилик,
Чормон чилик,

[1] Малул — гурбаи саҳрой.

Осмон харош,
Тасмачилик.

568

Аз кӯҳ баромад мири ганда,
Сар то қадамаш чомаи чаңда.

569

а) Аз кӯх баромад мири фаш-фаш
Кулоҳ ба сараш чома мунаққаш.

570

Аз дур меояд ҳаш-ҳаш,
Гурда бинии манқаш,
Дигар намешам садқаш.

571

а) Аз дур омад ҳаш-ҳаш,
Найзаҳояш шасту шаш.

572

б) Ҳаш-ҳаши хушт омад,
Найза ба пушт омад.

573

в) Рӯзи наврӯз омаду ман сайри саҳро меравам,
Гули харбузаву тарбузро тамошо меравам,
Рафтанам нангу наво, хӯрданам бехи гиё
Хонаам зери заминy худ факири камнамо.

574

г) Ҷонваре дидам, ки бар сарточи шашпар дорад,
Пойҳои калта-калта, нақши Умар дорад,
Нақша, нақши умарӣ, кути ӯ бехи гиёҳ,
Хонааш зери замину худ факири камнамо.

575

Қамчини ҷондор,
Зарб занад, захрдор.

576

а) Арғамчини ало
Дар сар-сари дара.

577

Санг асту на санг,
Тавасанг асту на санг,
Чор по дорад на гову
Синакул аст на шутур.

578

а) Таг — санг, рӯ — санг,
Миёна ҳаққови тезчанг.

579

б) Аҷоиб лӯъбате дидам мудаввар,
Дорад байзаву надорад пар,
Мурдаро зинда мекунад, ба назар.

580

в) Тах санг, санг нест,
Рӯ санг, санг нест,
Морсар аст, мор нест,
Чор по дорад, гов нест.

581

Талап-талапи по шуд,
Намедонам куҷо шуд.

582

а) Охурчаи пастак,
Хутукчаи мастак.

583

б) Сар мундала, пой мундала,
Аз ҳама боло мегузарад.

584

в) Аз ин ҷо то Бухоро хона дорад,
Дусад куклу мавизу дона дорад.

Осмон харош,
Тасмачилик.

568

Аз кӯх баромад мири ганда,
Сар то қадамаш чоман чанда.

569

а) Аз кӯх баромад мири фаш-фаш
Кулоҳ ба сараш чома мунаққаш.

570

Аз дур меояд ҳаш-ҳаш,
Гурда бинии манқаш,
Дигар намешам садқаш.

571

а) Аз дур омад ҳаш-ҳаш,
Найзаҳояш шасту шаш.

572

б) Ҳаш-хаши хушт омад,
Найза ба пушт омад.

573

в) Рӯзи наврӯз омаду ман сайри сахро меравам,
Гули харбузаву тарбузро тамошо меравам,
Рафтанам нангу наво, хӯрданам бехи гиё
Хонаам зери замину худ фақири камнамо.

574

г) Чонваре дидам, ки бар сар точи шашпар дорад,
Пойҳои калта-калта, нақши Умар дорад,
Нақша, нақши умарӣ, кути ӯ бехи гиёҳ,
Хонааш зери замину худ факири камнамо.

575

Қамчини чондор,
Зарб занад, заҳрдор.

576

а) Арғамчини ало
Дар сар-сари дара.

577

Санг асту на санг,
Тавасанг асту на санг,
Чор по дорад на гову
Синақул аст на шутур.

578

а) Таг — санг, рӯ — санг,
Миёна ҳаққови тезчанг.

579

б) Ачоиб лӯъбате дидам мудаввар,
Дорад байзаву надорад пар,
Мурдаро зинда мекунад, ба назар.

580

в) Тах санг, санг нест,
Рӯ санг, санг нест,
Морсар аст, мор нест,
Чор по дорад, гов нест.

581

Талап-талапи по шуд,
Намедонам кучо шуд.

582

а) Охурчаи пастак,
Хутукчаи мастак.

583

б) Сар мундала, пой мундала,
Аз ҳама боло мегузарад.

584

в) Аз ин чо то Бухоро хона дорад,
Дусад нуклу мавизу дона дорад.

585

Чистон-чистон,
Зорӣ бикунад пистон.
Дар чилаи зимистон,
Дар гармии тобистон.

586

Санги чоргӯшаи нақшин,
Ғалтӣ, дар об шин,
Баро дар суфа бишин,
Дегу косама бубин.

587

Дар об дарояд якта,
Аз об барояд садта.

588

Аҷоиб лӯъбате дидам, бекарор,
Чаҳор моҳу ситора бисту чаҳор.





## ПАРРАНДАҲО

589

а) Ағбачаҳак, лолаҷухак.

590

б) Аз кӯҳ баромад шакли бум,
Ду лингдораду калтадум.

591

в) Аз кӯҳ баромад,
Ақарангу тақаранг.
Бо чомаи ҳафтранг,
Мӯзаҳои сурхранг.

592

а) Чистон чистон,
Меравад Ҳиндустон,
Бо кафши кабуд,
Мӯзаҳои кемухтон[1].

593

б) Чист он лӯъбати писандида,
Атлаби бешумор пӯшида?

---

[1] Кемухт — як навъи чарм.

594

а) Пастак занакак,
Пасту баландак занакак,
Кӯчадавак занакак,
Хокагилмак занакак.

595

б) Ин чист ар-ар мекунад,
Шаб монда саҳар мекунад,
Дар охурчаи хар мекунад.

596

в) Худаш дар кӯҳ овозаш дар деҳ.

597

г) Модар бизояд духтаре,
На пой дорад, на саре.
Духтар бизояд модаре,
Ҳам пой дорад, ҳам саре.

598

д) Нохуни шеру паланг дар пояш,
Дастори сари подшаҳон дар сараш.

599

Аз кӯҳ баромад, алоҳуштак,
Хуштак задаку худакша куштак.

600

Зу-зу мекунад,
Алҳам мехонад,
Замбар мебофад.

601

а) Аловиддин кайчидор,
Ба одам дӯст асту ёр.

602

Як чоиваре бидидам,
Аҷаб хуш месароят,

Сари ғунча нишаста,
Шабро саҳар намояд.

603

а) Меҳравад тир барин,
Мешинад мир барин.

604

б) Аз дур меояд тир барин,
Сафедии синааш шир барин,
Мешинад мир барин,
Меравад саги пир барин.

605

в) Дум-дукӣ,[1]
Забон-туркӣ,
Пушт-алкос,[2]
Шикамаш-карбос.

606

Аз дур менамояд, аранг-аранг,
Чомакабуди пистаранг.

607

Чондор-чондори ёбой,
Пойҳояш пойҳои мурғобӣ.

608

а) Ай дур омад ҳашу хуш,
Точи тилло дар саруш.

609

б) Аз кӯҳ баромад, мири-фаш-фаш,
Дар сар кулаҳ, чома мунаққаш.

---

[1] Дукӣ — дук барин.
[2] Алкос — сабз



## ХАШАРОТ ВА ХАЗАНДАГОН

610

а) Амакам чомаи бирешим дорад,
Дар кўчахо хавлӣ-мунаккаш дорад,
Қасобо кати доду гирифт дорад.

611

б) Ғунг-ғунг мекунад,
Қуръон мехонад,
Парчам метанад.

612

Як оча, бешумор бача.

613

Чил хонаву чил токча,
Чил хучраву равокча.

614

а) Ай дур омад халохушт,
Дастош паси пушт,
Нозош маро кушт.

615

б) Як саволе аз ту дорам, эй рафики пурхунар,
Дар биёбоне бидидам, як ачоиб чонвар,

Мӯрпою морчашм, лайлакпару аждаршикам,
Уштурзову, филгардан, шерсина, аспсар.

616

в) Як саволе дорам аз ту, эй рафиқи пурҳунар,
Қ-андар ин саҳро бидидам, як аҷоиб ҷонвар,
Шерсина, мордум, каргассару каждумшикам,
Ноқапою филчашму хукгардан, аспсар.

617

г) Аз кӯҳ ояд хушт-хушт,
Кокулҳояш паси пушт.

618

д) Рафтам раҳак, дидам бузак,
Ширам надод, шохчакачак,
Як-ду раҳак варҳурдамаш,
**Ай сари шиғ паррондамаш.**

619

е) Дар миёни ғалла дидам бадгуҳар,
**Афти он чун ҳокимони пурзарар.**

620

Худат нимчон, ғиигасат чӣ?
Якта занам, мурӣ чӣ?

621

а) Аз ин дарак ба он дарак,
Меҳмонаки ғазандарак.

622

б) Бузи хинги бедила,
Дасташ накун, ки мемура.

623

а) Таг-таги долон меравад,
Рӯдакашолон медавад.

624

б) Меравад Мирзо,
Мепарад мирзо,
Ғалбербофак мирзо.

625

в) Так-таки токак меравед,
Почакашолак мелавад.

626

в) Он чист, ки барги тут хўрад,
Аз бахри худ чувол созад?

627

б) Он чист, ки барги сабз хўрад,
Аз бахри худаш чувол дўзад.
Устон танаида ғашта якчанд,
Монад даруни он чувол банд?

628

а) Он чист, ки нест дар зимистон,
Зебову латифу роҳати чон,
Он зинати тахти подшоҳон,
Худро бикушад, даруни зиндон?

629

г) Ачоиб лўъбате дидам дар ин дор,
Кафан мебофт он бе пуду бе тор.
Кафан пўшид ў чун мурда чанде
Ба шакли дигаре ў шуд намудор.

630

д) Чор чиз нест дар зимистон,
Кимхосу атлас бар тану чон,
Тахте бизанад дар биёбон,
Худро бикушад дар банди зиндон.

631

а) Асли сиёҳи болиштар,
На дил дора, на чигар.

632

б) Аспам дар гала,
Аспи сиёҳам дар гала,
Даст ба ёлаш мебарам,
Ҷуфту алосак мезана.

633

Аҷоиб ҷонваре дидам, ки ришаш найро газид,
Чил мулло афсун карду афсун набурид.

634

в) Дар пушташ найза,
Ҳӯрокаш сабза.

635

г) Гӯшон харум — найза,
Ҳӯроки харум — сабза.





## ЗИРОАТ ВА САБЗАВОТ

636

Химчаи сарнагун,
Даруниш пури кум.

637

а) Халтачаи кабутак,
Даруни пури нахўтак.

638

б) Даранг-дурунгаш бозича,
Кунгуралораш бозича,
На дар дорад, на дарича.

639

а) Аз ин чо то Балх,
Ҳам сабз, ҳам талх.

640

б) Чист он барге, ки баъд аз сўхтан гул мешавад,
Дуди ў андар ҳаво печида сунбул мешавад.

641

а) Кулоҳи қаландар сар надорад.

642

б) Халкачахак, биникачак,
Ҳолю ҳам бинам, келинчак.

643

а) Мичиқ кунам, тар шавад,
Даст занам, хунаш барод.

644

б) Атала кунем, матала кунем,
Ба шумо занем, хунаш бурод.

645

в) Тар кунам, лапар кунам,
Хунаш равад, ба даст монам.

646

а) Амакам даруни гӯр,
Ришаш беруни гӯр.

647

б) Як асп дорум дар ҳота,
Ёлу думуш то пота[1].

648

в) Бобом дар гӯр,
Ришаш беруни гӯр.

649

г) Худаш дар дурун,
Қокулаш дар берун.

650

д) Оимчон як кокул дорад,
Таги кокул мокул дорад,
Шамол хезад, усул дорад.

651

е) Чист он лӯъбате дар ин даврон,
Ҷомаҳо бешумор дорад он,

---

[1] Мокул — сук.
[1] То пота — то пойҳоят.

Мӯи жӯлидае ба сар дорад,
Бедахон чисми ӯ пур аз дандон.

652

ж) Амакам як вачаб,
Ришаш ду вачаб.

653

з) Таҳ пахол, рӯ пахол,
Сурхкун, ба ту ҳалол.

654

а) Мирзо Ҳасан кокул дорад,
Болои кокул мокул[1] дорад,
Бод мезанад, усул дорад,
Подшоҳ бинад, кабул дорад.

655

б) Чист он лӯъбате, ки дорад сад синон болои сар,
Безабон, бечашму гӯшу чон, дорад болу пар,
Одамӣ ӯро ба качханчар кунад зеру забар,
Аз акиби ҳар синонаш лаълу дур оял ба дар.

656

в) Гирд-гирдаш найзаҳо,
Даруяш нукраҳо.

657

Кадпастак, камоли[2] бастак,
Соҳибаш омад, поша шикастак.

658

Тобистон чамъ меоранд,
Зимистон ғам надоранд.

659

а) Куттӣ, кулутӣ
Ҳама куттӣ — як куттӣ.

---

[2]Камол — рустанӣ.

660

б) Сӣ сандуқ, сила сандуқ,
Ҳама сандуқ дар як сандуқ.

661

в) Сӣ қабат, сила қабат,
Ҳамақабат дар як қабат.

662

г) Як чизи гирябиёр,
Дар тани атлас бешумор.

663

д) Сар дар поён, дум дар боло.

664

е) Қадаш ним вачаб,
Ришаш ду вачаб.

665

ё) Чист он лӯъбати писандида,
Чомаи бешумор пӯшида,
Ҷумларо ба рӯи худ гирёнда,
Ҳеҷ ба рӯяш нахандида.

666

ж) Чист он гирд гунбади бепӯст,
Пӯст дар пӯст гирди якдигар.
Ҳар ки бикшояд ин муамморо,
Рухаш аз оби дида гардад тар.

667

Аз ин ҷо то Ҳисор,
Кокулаҳош бисёр,
Мешинум-чашмдиёр?[1]

[1] Чашмдиёр — интизор.

668

Сандукчаи зулбиё,
Ба кордчеко бурайю,
Ба чумчеко хурайю.

669

а) Тавӯри пуркулча,
На дар дорад, на дарича.

670

б) Гумбази калон дарича надорад.

671

в) Замин заранг аст,
Пистокиранг аст,
Хар кас наёбад,
Каси ғаранг аст.

672

д) Аз дур дидам — кабудзор,
Қамчин задам — лолазор.

673

е) Гунбази лундаи сабзи хамбар,
Хучрахо дораду надорад дар.

674

ё) Он чист, ки рӯз менамоид шабгун,
Садпора танаш, лек ба як пой нагун,
Гар ту бизанӣ, бар ӯ аз андоза бурун,
Хамчун дили ошиқон фурӯ резад хун?

675

а) Момозардак бача кард,
Корди тез омад, парча кард.

676

б) Чист он дуъбати гирду ғалтон,
Ду номи зинда дорад, лек бечон?

Харе бошад ки ин маънو надонад,
Зи буз камтар бувад он марди нодон.

677

в) Гунбазе дидам, он надорад дар,
Андарун хучрахост сар то сар.
Сокинони даруни он хучра,
Дар хисонат[1] ба сони якдигар.

678

г) Бозорба фуромадам як гӯсолафурӯш,
Гусолааш на дум дорад, на гӯш.

679

д) Гӯсола дар мах,
Модараш дар шикамаш.

680

е) Он чист, ки пову сар надорад,
Гирдасту дарозу дар надорад.
Андар шикамаш ситорагонанд,
Чуз исми ду чонвар надорад.

681

ё) Ширину бомаза,
Бе алав мепазад.

682

ж) Момон зардак бача кард,
Корди тез омад, парча кард.

683

з) Аммаи зардак,
Кӯчагардак,
Корди тез овард,
Пора кардак.

---

[1] Хисонат — сурат, хусн.

и) Аз оча бача мешавад,
Аз бача оча мешавад.

685

й) Ман дар ачабам,
Ачаби ман дар ачаб аст.
Гӯсола дар меху
Бачааш дар шикам аст.

686

к) Модарашро зинда дидам,
Тифлро андар шикам.
Тифлро зинда гирифтам,
Модараш дар хок рафт.

687

л) Сандукчаи зарбандӣ,
Аз теппа камарбандӣ,
Дарунаш шакарбандӣ,
Ҳай-ҳай дилам меравад,
Мирзои Самаркандӣ.

Устухонам нукраю андар дилам дорам тило,
Ҳар кас ин маънӣ бидонад, бегумон ӯ номвар аст.

688

б) Чанда ба чанда овезон,
Чубакаш аз миёнаш овезон.

689

в) Чист он, ки чор хона дорад,
Андар сари хеш шона дорад.
Барф аст миёни хонахо пур,
Ин турфа, ки барф дона дорад.

690

г) Чист он гул, ки нукра меорад,
Шавад обод ҳар кӣ э-он корад?

691

д) Колхозчӣ замин меронд,
Дар чӯякаш об монд.
Барзиёду босифат,
Аз ниҳолаш нур боронд.

692

е) Чор кунчу чор бурчу чор ашраф, чор дар,
Чори дигар мисли барфу дар миёна чилвагар.
Каллаи ӯ сарнагуну одамонаш дар кабат,
Ҳар кӣ ин маъниӣ биёбад, оқилонро сарвар аст.

693

ё) Он чист, ки панч хона дорад,
Дар нармии худ нишона дорад?
Ҳар хонаи ӯ пур аст аз барф,
Чӣ турфа, ки барф дона дорад?

694

ж) Чист он лӯъбате, ки чун лола,
Даруиаш пур зи барфу ҳам жола?
Мӯниси чони кампирон бошад,
Хуш аз он вақти аммаю хола.

695

з) Амаки сабзак омад аз таги девор,
Корди алмос ва як-як садпора кард.

696

б) Тагаш мехча,
Болош садача.

697

в) Мехи заррин, таги замин.

698

а) Он чист, ки ӯ аз барг паноҳе дорад,
Дар сар кулоҳу чома сиёҳе дорад.
Сар бибурам, ки ду сипаэш чок кунам,
Ман дар ачабам, вай чӣ гуноҳе дорад?

699

б) Сараш сиёҳ асту мӯй надорад,
Шинам гӯяд, шишта наметавонад,
Хезам гӯяд, хеста наметавонад.

700

в) На зардаки зардолу,
На сурхаки шафтолу,
Дар боғи амирон аст,
Хӯроки вазирон аст.

701

а) Пак-пакана қад дорад,
Ҷома хафт қабат дорад.

702

б) Ҳафтод қабат пӯстин,
Ҳамааш беостин.

703

в) Он чист, ки бар сараш чодар дорад?

704

а) Аз дур дидам аранг-аранг,
Ҷомакабудя сабзранг.

705

б) Саракаш зардак,
Сармиччаякаш зардак,
Домоди алолунчак,
Мезанад ба ҳар ду лунчак.

706

Намакчашак мечашӣ,
Аз гӯшакаш мекашӣ.

707

Аз дур дидам моҳе,
Ба дил кашидам оҳе,

Ҳар гаҳе пешаш равам,
Як табақи сиёҳе.

708

Чоҳу ҷалолаша бин,
Шохаҳояш бар замин,
Кулулаҳоша ту бин.

709

Дунгичаҳак, биникачак.

710

Тагаш суфача,
Болош садача.





## НАБОТОТ

711

Аз ин чо то Рӯшон,
Кокул парешон.

712

Духтарчаи дӯстрӯй,
Мешинад дар лаби чӯй.

713

а) Ман дар сари сабад,
Ман — чингиламӯй,
Ман — нозуки оламам,
Чавоби мана гӯй.

714

б) Он чист, ки саҳаргоҳ
Аз ғунча мекушояд,
Ҳар кас ба даст гирад,
Гоҳат аз он бинад.

715

в) Гар даҳонаш во шавад,
Бӯи хуше пайдо шавад.

716

г) Боғи боғҳои мо,
Даври боғҳои мо.
Андар табақи чинӣ,
Пеши бобои мо.
Ҷомаи сабз чун ба бар ӯро,
Лаби худро ба ханда бикушояд,
Пора-пора шавад ҷигар ӯро.

717

Ҷомаи сабз чун ба бар ӯро,
Лаби худро ба ханда бикушояд,
Пора-пора шавад ҷигар ӯро.

718

Қадаш ба алиф монанд, бораш ба санавбар,
Шаш нони тунук дораду як косаи зар.

719

Рафтам саҳро,
Ёфтам гиёҳ:
Пӯсташ сафед,
Мағзаш сиёҳ.

720

а) Меҳи заррин дар замини бемадор,
Гаҳ ба пӯстин, гаҳ ба токӣ, гаҳ ба дастор.

721

б) Дар замин як чизи бемадор,
Гаҳ ба токӣ, гаҳ бо дастор.

722

а) Гӯши бобо кар будаст,
Ришаш тахи чар будаст.

723

б) Бобом ари-ар мекард,
Риш тахаш дар мекард.

724

в) Як чиз дидам дар сахро,
Сар дар замин дум боло.

725

г) Чист он лӯъбати баҳорӯй,
Қадди ӯ ба мисли гулобй,
Решаи ӯ чу ноҳуни одам,
Пои ӯ ба мисли пои мурғобй.

726

Он чист, ки андар дара маскан дорад,
Сесад чаману ҳазор гардан дорад.

727

Биёяд лик-лик,
Равад лик-лик,
Тамошо лик-лик,
Ҳамеша лик-лик.

728

Аз замин бароянд каррафаш,
Найза дорад чилу шаш.

729

Саночаки сурхак,
Донахош сафедак.
Иру сангу уру санг,
Миёнаш лаъли дурзнг.

730

Посбони рӯи девор,
Аз ӯ ҳама кас безор.

731

Мурғи сафед,
Гирд-гирди бед.

732

а) То напазад, намекафад.

733

б) Ачоиб лӯъбате дидам, ки дум дорад,
Даҳонаш воз, астар гулгун дорад.

734

Вул-вули вул даванда,
Сурхо-сафед кафанда.

735

а) Дарахти пастак,
Бешумор бастак.

736

б) Ачоиб лӯъбати думдор дидам,
Сараш сабзу дилаш хунбор дидам.

737

Даруи сиёхи лаб чокак.

738

Лаъли дуранг,
Қӯчан дусанг.





## ДАРАХТ ВА МЕВАҶОТ

739

а) Чист он гунбазе, ки ӯ бедар,
Андаруни духтарон бувад яксар,
Ҳоли он духтарон агар пурсӣ,
Ҳама хуниндиланд дар чодар?

740

б) Танг аст кӯзача,
Танги ба танг аст, кӯзача,
Кунгурадор аст, кӯзача,
Даҳон надорад, кӯзача.

741

в) Таг сабатак, рӯ сабатак,
Акику марҷон сабатак.

742

г) Сандукча пури мехча,
На дар дорад, на дарча.

743

д) Сандуқчаи зарбандӣ,
Дарунаш шакарбандӣ.

744

а) Хун дорад, ҷон надорад.

745

б) Дарахти шахнигор,
Даст бубар, хун биёр.

746

а) Лингчаи пур аз орд,
Дар дарунаш як сутун.

747

б) Орди орднокарда,
Чўби тешанозада.

748

в) Чомаи алоча дарз надорад.

749

г) Магзак даруни чўбак,
Чўбак даруни ордак,
Ордак даруни пўстак.

750

д) Се дўкони кўшмакўш,
Якташ бахмалфурўш,
Якташ ордфурўш,
Якташ алочафурўш.

751

е) Даруни пўстак — чўбак,
Даруни чўбак — ордак,
Даруни ордак — магзак,
Ебед, чист ин ачоибак?

752

а) Гунбазе дидам, ки надорад дар,
Андаруи хучрахост сар то сар,
Сокинони даруни хар хучра
Дар хисоб аст ба сони якдигар.

753

а) Дегчаяки пурчазза,
Ошакаш бамазза.

754

б) Таг табақ, рӯ табақ,
Миёна фатири бенамак

755

в) Чор чиз дар шиками модараш,
Қай биёяд лӯласандуқ бар сараш,
Хӯрдани ӯ чор марги модараш.

756

г) Гирд аст, кӯзача,
Гирдомагирд аст, кӯзача,
Дона ҳазор аст, кӯзача,
Қунгурадор аст, кӯзача.

757

д) Шадда ба шадда, шаддааш овезон,
Чӯбаш дар пушташ, лӯндааш овезон.

758

а) Мағзи сангча,
Ранги сабзча.

759

Таҳ санг, рӯ санг,
Миёна бахмали дуранг.

760

Чист он лӯъбати писандида,
Чомаи сабзу сурх пӯшида,
Дар миёни ду хонаи чӯбин,
Бо ҳазор қарашма хобида?

761

а) Ҷандй ба ҷанд, ҷандаҳош кашол,
Тути баланд, синаҳош кашол.

762

б) Тобистон бозор,
Зимистон мазор.

763

в) Модар пахну парешон.
Бачаҳош ғунчаю ғелон.

764

г) Қачи дароз падараш,
Ҳама тунук модараш,
Хубу латиф духтараш,
Девонашаигу писараш.

765

а) Пахнаки бамаза,
Дар тирамоҳ мепаза.

766

б) Дупатаи бамаза,
Дар сариқавс мепаза.

767

Ай ӯ тут, барги тут,
Қосалеси чашмкабуд.

768

Аз дур дидам, зар дидам,
Ба дасти заргар дидам.

769

а) Атар-атар чӣ бошад?
Батар-батар чӣ бошад?
Думчашакар чӣ бошад?
Қанду асал чӣ бошад?

770

б) Сурхак сари тор,
Мезанад бӯи баҳор.

771

в) Лӯнда ба лӯнда,
Лӯнда овезон.

Чӯбак ба думаш,
Кулӯла овезон.

772

Рангаш ба ранги ошиқон,
Бӯяш ба бӯи гулрухон,
Рӯ аз намад карда аён,
Гӯё ки бемор омада.

773

Санг бастем, ранг бастем,
Дар тану шохи чинор бастем.

774

Аспе дорам дар мазор,
Елу думаш сад ҳазор.

775

Таги замин, сурх қамчин.

776

Чист он, ки пӯсташ ҳалол,
Пушташ ҳаром, магзаш ҳалол.

777

Ҳар ҷо бадале дидам,
Зебо бадале дидам,
Шакар думаке дидам,
Рангин табаке дидам.

778

а) Очаш дав-даваҷон,
Бачаш чапакзанон.

779

Очааш хаммакӣ,
Бачааш сарақӣ.

780

Аз дур дидам якта,
Аз пеш дидам садта.



## ИЛМ ВА МАОРИФ

781

а) Гуле дидам, ки он бехор бошад,
На дар дашту на дар кӯҳсор бошад,
На ӯро кас харад, ва кас фурӯшад,
Ҳамеша дар сараш бозор бошад.

782

б) Аҷоиб лӯъбате хушкор бошад,
На онро хобу не бедор бошад,
На ӯро кас харад, не кас фурӯшад,
Ҳамеша дар сараш бозор бошад.

783

а) Чи чиз аст он мурғи бе болу пар,
На зоида модар, на дида падар,
Сараш то набуррӣ, нагӯяд сухан,
Танашро надаррӣ нарезад гуҳар.

784

б) Як гиёҳест дар биёбон, ки онро хар хӯрад,
Гар ба дасти шоҳ афтад, мулки Искандар хӯрад,
Меравад роҳи сафед, кай мекунад хуни сиёҳ,
Гар зи роҳ рафтан бимонад, бар сараш ханҷар хӯрад.

785

в) Ланги раванда асту гӯш не, суханёб,
Гунги фасеҳ асту чашм не, ҷаҳонбин,
Тезии шамшер дораду равиши мор.

786

г) Чист он лӯъбати шакаргуфтор,
Оби ҳайвон чакида аз минқор.

787

Бе забон асту роз мегӯяд,
Бе даҳон асту мекунад гуфтор?

788

д) Ман сафед ҳамчу барфам,
Ту сиёҳӣ — ҳама ҳарфӣ.
Ман ба зери ту, ту ба боло,
Ту гар ҷунбӣ, ман наҷунбам.

789

Ман рафтам ба лаби дарё,
Дидам нан сафеди бурё,
Меравад роҳи сафед,
Қайд мекунад хуни сиёҳ.

790

а) Хуту ҳамалу сарву ҷавзо,
Гул дар табақу миёна дарё.

791

б) Оинаи ҷаҳоннамо панҷ ҳилол дар бараш,
Гурги даҳондаридаю зоғи гиёҳ раҳбараш.

792

в) Як парча замин доштам,
Тухми сиёҳ мекоштам.
Бо чашми худ бидидам,
Бо ақли худ шинохтам.

793

г) Ҳамдаме дорам, ки беовоз сӯҳбат мекунад,
Бе даҳону бе забон нақлу ривоят мекунад.
Хушу ақлу завқ афзун мекунад гуфтори ӯ,
Аз қадомин фан, ки хоҳӣ, ӯ ҳикоят мекунад.

794

Агар кунӣ ба ӯ назар,
Шавӣ эи ҳар чӣ бохабар.

795

На даст дорад, на по,
Хабар мебарад, ҳар чо.

796

Кӯҳ асту санг надорад,
Замин асту хок надорад,
Ҷангал асту дарахт надорад,
Баҳр асту об надорад.

797

Гунбазе дидам, ки дорад шоххои бешумор,
Андар он гунбаз бидидам чор баҳри номдор,
Боз бистон дигар з-он чор бошад хурдтар
Панчахои ӯ бувад аз ҳад зиёду бешумор.

798

Мисли тарбуз лунда аст, аммо нарӯяд аз замин,
Бе замин асло намешуд шакли вай тарбуз барин.
Гар ту ҳастӣ бохабар аз илми олам чист он?
Бе ҳамон ҳаргиз надонӣ, рӯи олам инчунин?

799

Он чист, ки худаш намебинаду ба дигарон роҳ нишон медиҳад

800

а) Аз бом меғалтад,
Ҳеч чиз намешавад,
Дар об меғалтад,
Майда-майда мешавад.

801

Замини сафеду хосил сиёҳ,
Коштем ба най, даравидем ба даҳан.

Дар дасти Сангин,
Халтаи чармин,
Дар халтаи чармин,
Як ҳавзи сангин,
Ия ҳавзи сангин,
Пур оби рангин.





## АСБОБҲОИ МУСИҚӢ

803

а) Қамонаки панчтора,
Назаний, садо надора.

804

б) Аз кӯча гузашт як ҷавони сармаст,
Нола мекунад, эй вой, дастам бишикаст.

805

в) Лухтаки нари бозингар,
На дил дорад, на ҷигар.

806

г) Бузи зарди бозингар,
На дил дорад, на ҷигар.

807

д) Сари панҷу чор гирам,
Сари зулфи ёр гирам,
Ёра дар канор гирам,
То ки ман карор гирам.

808

а) Ба шакли моҳ дидам дилситоне,
Қавокибро ба даври ӯ қироне,

Суруди ишқ мегӯяд зи Маҷнун,
Кашида пӯсте бар устухоне.

809

б) Дарвозаи шерозӣ,
Ту — нағмаю ман — бозӣ.

810

в) Дарзи ман бо дарзи ту,
Лабдарзи ман бо тарзи ту,
Бо ҳар задан меларзӣ ту.

811

г) Чист он чатри мудаввар,
Ҳам нағмаю ҳам қасар?

812

Чил тори дароз дорад,
Ҳар тор ба ноз дорад.

813

а) Аз дур дидам масташ,
Шохаки гул ба дасташ,
Нола кунад ҳамеша,
Нолаи дилшикасташ.

814

б) Пӯмбачӯбӣ[1] лашкарӣ,
Такя кунам мешиканӣ,
Такяи мо шод шавад,
Ҷумла ҷаҳон обод шавад.

815

в) Баланд шуда амал кунад,
Ҷумла ҷаҳон хабар кунад.

---

[1] Пумбачӯб — накорачӯб.



## ТЕХНИКА ВА НАМУДҲОИ ОН

816

Уштури куланги бедум,
На ҷав хӯрад, на гандум,
Ҳамеша рӯи дарё,
Кор кунад ба мардум.

817

а) Тахтасанги каҳрабо,
Не дар замин, не дар ҳаво.

818

б) Як хар дорам ҳангӣ,
Ду гӯшакош ҳафтрангӣ,
На ҷав хӯрад, на гандум,
Бор кашад ба мардум.

819

Сандукча виччирӣ кард,
Оимча пиччиррӣ кард.

820

Равған намехӯрад, рӯшанӣ медиҳад,
Дуд надорад, гармӣ медиҳад.

821

Ба зардӣ, зарди зардолу,
Ба сурхӣ, сурхи шафтолу,

Вале валло, на зардолу,
Вале билло на шафтолу.

822

Як порча фатир,
Болош хати мир,
Ҳамсӯҳбати косибон,
Ҳамсӯҳбати мир.

823

а) Шуттум шуталос,
Эй вой, чӣ балос,
Афтоду чарангӣ кард,
Вах, ин чӣ балое буд!

824

Бед кашам, овози бед кашам,
Ба зону занам, овози хуршед кашам.

825

а) Қач шавад, рост шавад,
Сулфа кунад, халос шавад.

826

б) Хар ҳанг зад,
Чорбоғ ранг зад.

827

в) Кӯлкулак ду сар дорад,
Овози кабки нар дорад,
Душман аз он ҳазар дорад.

828

г) Даҳон ба поён дорад,
Даҳон болои сар дорад,
Тамом аз оҳану пӯлод,
Садои синадар дорад.

829

д) Аспам дар гала,
Аспи сиёҳам дар гала,

Агар лаҷомаш канад,
Дар ҳаво хез мезанад.

830

е) Аз даруни ғор ситора мепарад.

831

ё) Аспе дорам дар гала,
Ёлу думаш мундала,
Даст ба сағриаш барам,
Наъра ба осмон барад.

832

ж) Он чист ,ки ду сар дорад,
Овози кабки нар дорад,
Дӯст аз вай ҳазар дорад,
Душман ба вай назар дорад.

833

Зинда неву мегардад,
Рӯзу шабро мефахмад.

834

а) Овоз дораду забон надорад,
Роҳ мераваду по надорад.

835

б) Чист он бечон, ки дорад гуфтугӯ,
Зери хайрат хаст пинҳон карда рӯ
Сурате дорад ба мисли бадри нур,
Доимо роҳ меравад он бо ғурур.

836

Бе забон гап мезанад,
Бе гӯш мешунавад,
Бе каламу когаз
Фармона мерасонад.

837

Не дил дорад, не гурда,
Мехона бачамурда.

838

а) Афтакаш афти табақ,
Дорад думи оҳанин,
Мехонад байти ширин.

839

в) Ақл дорад, ҷон надорад,
Муждаро зуд мерасонад.

840

Худаш оҳанпо,
Кор мекунад ба одам.

841

Ҳаст як паҳлавони ҳайбатнок,
Оҳанинҷисму оҳанинпӯшок,
Асп нею ба тохтан чаккон,
Шутур нею лекин боркашон,
Гов нею замин меронад,
Номи ин чизро кӣ медонад?

842

Аз ин ҷо то Ҳисор,
Меравад қатор-қатор.

843

а) Ҷон надорад, роҳ меравад,
Даҳан надорад, дод мезанад.

844

б) Шутури қатори гулдур,
Баландовози мағрур,
Не чав хӯрад, не гандум,
Кашонад моли мардум.

845

в) Шутури масти беша,
На чав хӯрад ,на реша,
Оташ хӯрад ҳамеша.

846

а) Бе дасту по кор мекунад.

847

б) Об мехӯрад, дарранда нест,
Лаҷом дорад, даванда нест,
Бор мекашад мисоли фил,
Тез меравад, парранда нест.

848

в) Шаққат мана кушт,
Шум-шаққат мана кушт.
Бадани коқат мана кушт.

849

г) Аспе дорам ҷафокаш,
Равғану об хӯрокаш,
Ҷаву алаф нахӯрад,
Набошад хеҷ озораш.

850

а) Аспе дорам беозор,
Хушсурату хушрафтор,
Моида намешавад хеҷ,
Доим ба гаштан тайёр,
Хӯрокаш обу бензин,
Поҳош бошад аз резин.

851

Дидам мурғи оҳанин,
Ҷой надорад мепарад,
Панҷаҳояш аз резин
Мехӯрад обу бензин.

852

Паҳлавони тездавон,
Чормех истад дар майдон,
Замин кобад, таачуб он,
Бор бардорад он чунон,
Мардум бимонад ҳайрон.



## ЧИСТОНҲОИ ГУНОГУН

853

Аҷоиб лӯъбате дидам,
Ба сурат он бувад одам.
Ба мардум мекунад хизмат,
Надорад ҷон вале дар тан.

854

Зинда мурдаро ба саҳро бурд,
Ҳилла карду ба хок супурд.
Мурда барҷаст халқи зинда гирифт,
Зинда мурд, мурда зинда нашуд.

855

Ҳараки ларза,
Гӯшакаш қайза.

856

Аз дур дидам аранг-аранг,
Ҷомакабуди муштариранг.

857

Чист он оташе, ки чун об аст,
Наздн ту шуд, ғами ту ноёб аст.
Ҳар гадоро агар, расад дасте,
Шод гардад, агарчи ношод аст.

858

Тоқи баланд дорем, норбонаш не,
Ҳафт уштури кор дорем, корвонаш не.

859

Давак-давак по надорад,
Ҷингиласарак мӯй надорад.

860

Чист он, ки даҳон ҳазор дорад,
Андар даҳанаш ду мор дорад.

861

Деги сиёҳи мазанг,
Аз шоҳиҳон ҳафтранг.

862

Мурғи сиёҳи чола,
Як дона пар надора,
Бурдам ба пеши қозӣ,
Дилу ҷигар надорад.

863

Худаш дандони барра,
Челаки алоча дорад,
Дар болои дандонҳо,
Қокули заррин дорад.

864

Баданаш чӯбин,
Шикамаш ресмон.
Дилаш латапора,
Хӯрокаш санги хора.

865

Бобом дар бар,
Саллааш дар чар.

866

Бузичаи зарди чола,
Дар чаҳ задай, менола.

867

Таҳ санг, рӯ санг,
Миёна луъбати заранг![1]

868

Аҷоиб сурате дидам,
Ки сар болои сар дорад.
Ба сар тоҷи пӯлодӣ,
Ба чангаш реза пар дорад.

869

Аз дар даромад ҳандалак,
Пӯстине дорад мундалак,
Бе ӯ набошад зиндагӣ,
Ҳамеша боло бигзарад.

870

Ду дариҷаи ночиз,
Оламе кардай очиз.

871

Чор ҳарфи пурсафо,
Боиси осоиши дунё.

872

Як порчаи дастархон,
Дар рӯяш замину осмон.

873

Хиргоҳи мудаввар, сутун надорад.

874

Панҷ деҳқон ба як сипор ҷуфт мекунанд.

875

Шаш по дорад менозад,
Ду даст боло метозад.

---

[1] Заранг — зардранг.

876

Он чист, ки пову сар надорад,
Роҳ меравaду хабар надорад.
Вақте ки расанд бар вай,
Паррад ба ҳавою пар надорад.

877

Аҷоиб лӯъбате дидам дар ин дор,
Ки рӯз то шаб замин кӯбад беор.

878

Аспи чобуке дидам дар биёбон,
Сари гул хӯраду оби борон.

879

Ҷондор — ҷондори ёбой,
Поҳош поҳои мурғобӣ.

880

Гунбази калон, соя надорад.

881

Тухмест, ки ношукуфта вомегардад,
Нокошта дар нашъунамо мегардад.
Ҳарчанд на мағз дорад, на пӯст,
Чун хӯша бигирад, осиё мегардад.

882

Он чист, ки раванда чун тираки тез,
Бурранда чун шамшери ғуррон?

883

Ба шакли моҳ дидам дилситоне,
Қавокиб аст ба даври ӯ кироне,
Суруди ишқ мегӯяд чу Маҷнун,
Кашида пӯсте бар устухоне.

884

Чист чун норбон сурати ӯ?
Равиши ӯ манзили ҳабаб бошад.

Лашкараш савору пиёда сокин,
Ҳама бечангу талош бошад.

885

Он чист, ки худ ду ном дорад,
Як хочаву сад ғулом дорад.
Зангибачаҳои чомағулнюр,
Андар шикамаш азоб дорад?

886

Чист он гунбази печидадар,
Ки дар ӯ хуфтааст шоҳдухтар.

887

Аҷаб сavючи зардак,
Даруnaш пури гардак.

888

Чист качкулсурат дар об,
Аксар вақт шабона дар хоб.

889

Чих гӯям, чуккӣ занад,
Чӯҳ гӯям, луккӣ занад.

890

Ғечи-ғечон меравад,
Қачмокачак меравад.

891

Як сутун дорад, се долон.

892

Чистон чизест, ки дум дорад,
Чоки дарозу хун дорад.

893

Чун даҳ марди базарда,
Гирад дасти даҳмарда.

894

Мурғе дидам, ки обӣ,
Дар хушкӣ ҳам меёбӣ.

895

Зи пардакҳои дуродур баста,
Ки дар фикраш дили доност хаста.

896

Чӣ бошад, ки дар бодия маскан дорад,
Ҳар хела сутуну дувоздаҳ гардан дорад.

897

Ёре, халоиқ ҳама пушанд ӯро,
Шоҳони ҷаҳон ҳалкабагушанд ӯро.
Чун дида азиз аст ба пеши ҳама кас,
Аҷиб ой ки ба таррае фурӯшанд ӯро.

898

Чист он лӯъбате, ки фэн дорад,
Модина пушти мард маскан дорад.
Вале худи ӯ кути одамӣ дорад
Дар миёни шикам даҳан дорад.

899

Он чӣ бошад муниис ба ҳар шохе,
В-аз сӯи вафо ҳеҷ надорад роҳе.
Об аст бурун омада аз оташ тез
Он гаҳ фурӯ рафта ба гармии чохе.

900

Уштур аф кард.
Дарё кафк кард.



# ФЕХРАСТИ ҶАВОБҲО

1. Каланд
2. каланд
3. каланд
4. чархчӯб
5. чархчӯб, гуппӣ
6. чархчӯб
7. чархчӯб
8. чархчӯб
9. чархчӯб
10. чархчӯб
11. чархчӯб
12. чархчӯб
13. чарху чархчӯб
14. чархчӯб
15. сӯзан
16. сӯзан
17. сӯзан
18. сӯзан
19. сӯзан
20. сӯзан ва ришта
21. сӯзан ва ришта
23. халлочӣ
24. халлочӣ
25. халлочӣ
22. сӯзан ва ришта
26. халлочӣ
27. халлочӣ
28. халлочӣ
29. халлочӣ
30. аробаи дучарха
31. ғилдиракҳои аробаи чорчарха
32. замбар
33. аробаи чорчарха
34. чархи кордтезкунӣ
35. чарх ва калоба
36. чархи абрешимресӣ
37. чархи ресмонресӣ
38. ногаю чарх
40. чархи кордтезкунӣ
41. ҷуфти гов, охани ҷуфт
42. одам ва ҷуфти гов
43. охани ҷуфт
44. охани ҷуфт
45. бел ва гӯристон
46. бел
47. табар
48. табар
49. арра
50. арра
51. моку
52. моку
53. охани ҷуфт, тир ва ҷуфти гов
54. охани ҷуфт
55. охани ҷуфт
56. охани ҷуфт
57. охани ҷуфт
58. охани ҷуфт
59. охани ҷуфт
60. чигина
61. чигина
62. чигина
63. чигина
64. микроз
65. замбарғалтак
66. замбарғалтак
67. тарозу
68. тарозу
69. тарозу
70. тарозу
71. тарозу
72. тарозу
73. тарозу
74. капкон
75. ҷӯткаи хонасафедкунӣ
76. ғӯлак
77. ғӯлак
78. ғӯлак
79. чилим ва тамоку
80. чилик
81. гӯгирд
82. гӯгирд
83. гӯгирд
84. лиф
85. лиф
86. асо
87. асо
88. таёқ
89. асо
90. занҷир
91. қайчӣ
92. қайчӣ
93. микроз
94. микроз
95. қайчӣ
96. қайчӣ
97. қайчӣ
98. қайчӣ
99. қайчӣ
100. халтаи дӯғ
101. нондон
102. сандуқ
103. азорбанд
104. сатил
105. сатил ва чоҳ
106. сатил ва чоҳ
107. ғилоф
108. сабат
109. хум
110. нордбон
111. нордбон
112. нордбон
113. мухпар-нонпар
114. мухпар
115. офтоба
116. офтоба

17. тағора
18. болға
19. гахвора ва кўдак
20. гахвора
121. гахвора
122. гахвора
123. сандалй
124. оташдон, дег ва кафлез
125. оташдон, дег ва кафлез
126. дегу алов
127. оташ, дег ва оташдон
128. гўшвор-гўшвора
129. ангуштпона
130. ангуштпона
131. ангуштпона
132. ангуштпона
133. дег
124. дег ва косаҳо
135. дег ва косаҳо
136. дари хона
137. дари хона
138. сандалй
139. сандалй
140. гўгирд
141. сандалй ва алов
142. мўрй
143. мўрй-равзан
144. мўрй-равзан
145. кўза
146. кўза
147. кўза
148. элак
149. элак
150. элак
151. элак
152. элак
153. элак ва орд
154. элак ва орд
155. элак ва орд
156. элак ва орд
157. ғалбер
158. оташгирак
159. шамъ
160. шамъ
161. чароғ
162. чароғи лабчок
163. чароғ пилта ва равған
164. чароғ пилта ва равған
165. чароғ
166. чароғ
167. чароғ
168. чароғ
169. чароғ
170. чароғ
171. чароғ
172. чароғ
173. деги об ва угро
174. қулф
175. қулф
176. қулф
177. тег
178. чорўб
179. чорўб
180. чорўб
181. чорўб
182. чорўб
183. чорўб
184. чорўб
185. чорўб
186. кошук
187. ташнов
289. оина
190. оина
191. оина
192. оина
193. калид
194. самовор
195. самовор
196. самовор
197. поку
198. тег
199. тег
200. анбўр
201. танўр
202. зилзила, телефон
203. бодбарак
204. дарафш ва сўзан
205. ялогу, тоба
206. зин
207. зин ва занғу
208. зин ва занғу
209. зин ва занғу
210. ангуштарин
211. дўк ва калоба
212. оинахалта ва ҳамьён
213. хивча ва сабат
214. нон
215. нон
216. нон
217. нон, танўр ва кайбону
218. танўр ва нон
219. танўр ва кулча
220. фатир
221. фатирмаска
222. фатирмаска
223. чалпак
224. думбаи гўсфанд
225. сих-кабоб
226. тушбера
227. тушбера
228. тушбера
229. тушбера
230. тушбера
231. сумалак
232. оши угро-бурида
233. оши туппа
234. оши бурида
235. оши угро
236. оши туппа
237. оши туппа
238. оши угро
239. кочй-атола

240. ҷурғот
241. равғанҷӯшӣ
242. чои кабуд
243. палав
244. равғани думба ва палав
245. тухм
246. тухм
247. тухм
248. тухм
249. тухм
250. тухм
251. тухм
252. тухм
253. тухм
254. тухм
255. тухм
256. ойна
257. равғани зард
258. равғани зард
259. набот
260. қурутоб
261. қурутоб
262. қурут
263. гандум ва орд
264. ханбаи орд ва даст
265. чаза
266. заъфар
267. ширу ҷурғот, маскаю дуғ
268. мӯза
269. мӯза
270. мӯза
271. мӯза
272. мӯза ва махсӣ
273. мӯза ва махсӣ
274. мӯза ва махсӣ
275. кафш
276. кафши чӯбин
277. кафши чӯбин
278. кафши чӯбин
279. кафши чӯбин
280. пиала
281. чоруқ
282. пойафзол
283. мукӣ
284. калӯш
285. токӣ
286. лӯлаболишт
287. лӯлаболишт
288. адрас
289. дастмол
290. фаранҷӣ
299. одам
291. изор
292. изор
293. кӯрпа
294. кӯрпа
295. чашмбанд
296. мӯза ва пой
297. одам
298. одам
299. одам
300. одам
301. дандонҳо ва забон
302. дандонҳо
303. дандонҳо ва забон
304. осиёби дастӣ, дастос
305. хилли даҳон
306. мижа ва милки чашм
307. чашм
308. мичгон
309. чашм
310. чашм
311. чашм
312. чашм
313. чашм
314. чашму абрӯ
315. лабу дандонҳо
316. даҳон
317. даҳон
318. даҳон
319. даҳон
320. даҳон
321. даҳон ва дандон
322. даҳон ва дандон
323. даҳон ва дандон
324. даҳон ва дандон
325. дандон, лабу абрӯ, мӯй
326. даҳон, бинӣ, дандон,
327. сар, даҳон, бинӣ, дандо
328. мағзи сар
329. сон
330. ном
331. ишкам
332. мағзи сар
333. тифл
344. оби бинӣ
335. риш
336. риш
337. бинӣ
338. кӯдак
339. кокул
340. пистони модар
341. кокул
342. пой
343. дил
344. обибинӣ
345. оби бинӣ
346. бинӣ
347. бинӣ
348. бинӣ ва панҷа
349. бинӣ ва даст
350. бинӣ ва даст
351. оби бинӣ
352. даст ва хино
353. ду пой, тан, чашму абрӯ, дасту сар
354. одам ва ҷуфти гов
355. мурда, тобут ва одамон
356. чақ-чақи кампирон
357. даст ва панҷаҳо
358. даст ва панҷаҳо
359. даст ва панҷаҳо

360. дасту панчахо
361. панчаи даст
362. осиёб
363. чувоз
364. осиёб
365. осиёб
366. осиёб
367. осиёб
368. осиёб, галла ва орд
369. дастгоз, осиёби дастӣ
370. осиёб
371. осиёб
372. осиёб
373. осиёб
374. осиёб
375. осиёб
376. осиёб
377. осиёб
378. осиёб
379. осиёб
380. чувоз
381. чувоз
382. чувоз
383. чувоз
384. чувоз
385. чувоз
386. хиргохи чўпон
387. хиргохи чўпон
388. сутун ва огил
389. рав ва сутун
390. сутун, рав ва вассахо
391. рав ва дастакхо
392. бом ва чигас
393. васса ва болор
394. болор ва вассахо
395. рав, болор ва вассахо, хоки бом
396. хаммом
397. хаммом
398. хаммом
399. хаммом
400. мактаб ва толибилмон
401. кўпруки ларзон, тахворачўбон
402. кўпрўки сангин
403. илм
404. масчид
405. мадраса
406. офтоб, сол ва рўзхои сол
407. осмон ва ситорахо
408. осмон ва ситорахо
409. осмон ва ситорахо
410. осмон ва ситорахо
411. осмон ва ситорахо
412. осмон ва ситорахо
413. осмон ва ситорахо
414. осмон ва ситорахо
415. сол ва фаслхои он
416. офтоб, моҳ ва ситорахо
417. шаб, рўз ва ситорахо
418. осмон ва ситорахо
419. осмон ва ситорахо
420. офтоб ва ситорахо
421. офтоб ва ситорахо
422. осмон, замин ва офтоб
423. осмон, офтоб ва ситорахо
424. осмон ва ситорахо
425. осмон ва ситорахо
426. осмон ва ситорахо
427. осмон ва шуълаи моҳ
428. моҳи нопурра ва ситорахо
429. моҳ
430. тулўи офтоб
431. офтоб
432. офтоб
433. офтоб
434. офтоб ва шуои он
435. офтоб
436. офтоб
437. офтоб
438. офтоб ва моҳ
439. офтоб, моҳ ва ситорахо
440. офтоб, моҳ ва ситорахо
441. офтоб
442. моҳтоб
443. моҳтоб, ситорахо ва офтоб
444. моҳи пурра ва нопурра
445. роҳ
446. роҳ
447. роҳ
448. роҳ
449. соя
450. соя
451. соя
452. соя
453. соя
454. соя
455. соя
456. борон
457. тиру камон
458. тиру камон
459. сел
460. сел
461. соя
462. жола
463. жола
464. дарьё
465. дарьё-роҳ
466. дарьё
467. роҳ
468. дарьё
469. роҳ, дарьё
470. ях
471. ях
472. ях
473. ях
474. зилзила
475. зилзила
476. зилзила
477. зилзила
478. хубоб
479. туман
480. раъду барқ
481. раъди барқ

482. тундару чароғак
483. раъду барқ
484. абр-барф
485. барф
486. барф
487. барф
488. барф
489. барф
490. шамол, барф
491. шамол
492. шамол
493. шамол
494. шамол
495. замин
496. курраи замин
497. замин
498. лахчаи оташ
499. оташу дуд
500. оташу дуд
501. оташу дуд
502. оташу дуд
503. оташу дуд
504. раъду барқ
505. оташ
506. абр
507. абр, оташу дуд
508. шамол
509. дуд
510. абр, дуд
511. абр ва раъду барқ
512. абр, дуд
513. абр
514. абр, барф
515. чакак
526. гўристон
517. гўристон
518. қабр
519. қабр
520. қабр
521. дарьё, мавчи об, моҳи ва ғук
522. ҳаёт, марг, фарзанд, ғам ва шодӣ
523. обу оташ ва хоку бод
524. сол ва дувоздаҳ моҳ
525. офтоб, моҳтоб ва фаслҳои сол
526. моҳтоб ва дувоздаҳ моҳ
527. фаслҳои сол, рўзҳои моҳ ва шабу рўз
528. сол, моҳ, рўзҳои моҳ, шаб ва рўз[3]
529. сол, моҳ ва рўзҳои моҳ
530. сол, фасл ва рўзҳои сол
531. фасли сол ва рўзҳои он
532. баҳор ва тирамоҳ
533. шаб, рўз ва офтоб
534. моҳ
535. моҳӣ
536. дарьё ва моҳӣ
537. дарьё ва моҳӣ
538. моҳӣ
539. моҳӣ
540. шохи гови доғ
541. пистони гов
542. пистони гов
543. пистони гов
544. пистони гов
545. пистон
546. пистон
547. пистон, пой, чашм ва думи гов
548. чашм, пой, шох ва думи гов
549. чашм, шох, пой, пистони гов
550. почаи гўсфанд
551. почаи гўсфанд
552. думбаи гўсфанд
553. думбаи гўсфанд
554. рама
555. уштур
556. уштур
557. уштур
558. уштур
559. уштур
560. суғур
561. маймун
562. саг
563. саг
564. гург
565. хирс
566. пишак, гурба
567. гурба
568. шер
569. шер
570. шер, чайра
571. чайра
572. чайра
573. чайра
574. чайра
575. мор
576. сангпушт
577. сангпушт
578. сангпушт
579. сангпушт
580.
580. сангпушт
581. муш
582. муш
583. муш, гурба
584. муш
586. қурбоқа, ғук
587. думи асп
585. оҳу
588. наъли асп ва мехчаҳояш
589. кабк
590. кабк
591. кабк
592. товус
593. товус
594. мурғ
595. мурғ
596. хурўс
597. мурғ ва тухм
598. хурўс
599. мурғи даштӣ, бедона
600. достак, фароштурук
601. фароштурук

602. булбул
603. гулба, алошақшақ
604. акка
606. кур-куровак, кар-карй кўрок
605. акка
607. куршапарак
608. муллохудхуд
609. муллохудхуд
610. ору, занбур
611. занбури асл
612. ору, занбур
613. хонаи занбур
614. малах
615. малах
626. малах
617. малах
618. шер (аз чинси малах)
619. малах
620. пашша
621. занбури ало, бунгак
622. тортанак
623. кирмаки пилла
624. тортанак
625. тортанак, кирмак
626. кирмаки пилла
627. кирмак
628. кирмак
629. кирмак
630. кирмак
631. кайк
632. кайк
633. хавоборонак (тукушулук)
634. хавоборонак
635. хавоборонак
636. кўкнор
637. кўкнор
638. кўкнор
639. нос, тамоку
640. тамоку
641. қаламфур
642. қаламфур
644. хино
645. хино
643. хино
646. чуворй
647. чуворй
648. чуворй
649. чуворй
650. чуворй
651. чуворй
652. чуворимакка
653. чуворй
654. гандум-ғалла
655. гандум
656. гандум
657. мушунг
658. ғалла
659. пиёз
660. пиёз
661. пиёз
662. пиёз
663. пиёз
6·4. пиёз, шалғам
665. пиёз
666. пиёз
667. каду
668. тарбуз
669. тарбуз
670. тарбуз
671. тарбуз
673. тарбуз
674. тарбуз
675. харбуза
677. тарбуз
676. харбуза
678. харбуза
679. харбуза
680. харбуза
681. харбуза
682. харбуза
683. харбуза
684. харбуза, тарбуз
685. харбуза
686. харбуза
687. харбуза
688. харбуза
689. харбуза
690. пахта
691. пахта
692. ғуза-пахта
693. ғуза
694. ғуза
695. пахта
696. пахта
697. пахта
698. сабзй
699. сабзй
700. сабзй
701. бонмчон
702. бонмчон
704. карам
705. карам
706. карам
707. бодиринг
708. офтобпараст
709. мушунг
710. офтобпараст
711. картошка
712. нахуд
713. шалғам
714. гули сечақ (пуғропечак)
715. зуф
716. гул
717. гул
718. гул
719. гул, садбарг
720. гули савсан
721. лола
722. қоқу, гули қоқу
723. гули қоқу
724. чукрй
725. чукрй

726. чукрй
727. чукри
728. торон
729. хушак (навъи алафе, ки дар оши угро меандозанд)
730. сузанак
731. хуч-хулуд
732. хори сари девор
733. хоч-замбурўғ
734. кавар
735. кавар
736. кавар
737. кавар
738. кавар
739. дастхушкунак
740. нугро, санчид
741. анор
742. анор
743. анор
744. анор
745. анор
746. шохтут
747. шохтут
748. санчид-чигда
749. санчид
750. санчид
751. санчид
752. санчид
753. санчид
754. анор, чормағз
755. чормағз
756. чормағз
757. чормағз, санчид
758. анор
759. чормағз, писта
760. чормағз, писта
761. писта
762. ангур
763. ангур
764. ток ва хўшаи ангур
765. ток, навда хушаи ангур, май
766. дўлона
767. дўлона
768. мавличон
769. зардолу
770. гелос
771. гелос
772. гелос
773. бихй
774. шилми дарахт
775. мачнунбед
776. решаи тут, рўян
777. дона ва мағз
778. анчир
779. навда ва барги сафедор
780. шоху барги сафедор
781. сада, дарахтзор
782. илм
783. илм
785. қалам
786. қалам ва коғаз
784. қалам
787. қалам
788. қалам ва коғаз
789. қалам
790. китоб
791. китоб ва қалам
792. китоб
793. китоб
794. рўзнома, газета
795. мактаб
796. харита
797. кураи арз (глобус)
798. кураи арз
799. кутбнамо
800. коғаз
801. коғаз, хат, қалам ва хондан
802. портфель ва сиёхидон
803. тор
804. дутор
805. дутор
806. дутор
807. дутор, танбур
808. дойра
809. дойра
810. дойра
811. дойра
812. чанг
813. ғижжак, нағора
814. нағора, карнай
815. карнай
816. киштй
817. киштй, заврақ
818. поезд, киштй
819. инкубатор ва чўчахо
820. нури барқ, лампочка
821. мошин
822. тангаи подшохии Бухоро
823. танга ва садои он
824. тутак, най
825. камон
826. тир ва камон
827. камон
828. камон
829. камон
830. камон
831. камон
832. камон
833. соат
834. соат
835. радио, соат
836. телефон
837. радио
838. радио
839. телеграф
840. экскаватор
841. трактор
842. поезд
843. паровоз
844. поезд
845. поезд
846. мошин

847. поезд
848. поезд, киштӣ
849. мошин
850. мошин
851. самалёт
852. экскаватор
853. хуса, карашку
854. қапқон
855. довуча
856. боимчон
857. шароб
858. осмон ва ситораи ҳафтдодарон
859. абр
860. мӯй ва кокулбанди занон
861. кулоҳ
862. тор
863. чуворӣ
864. ғулак
865. чӯбкаду
866. сумалак
867. фатирмаска
868. обчувоз
869. гандум
870. чашм
871 сулҳ
872. харита
873. осмон
874. панча ва қалам
875. троллейбус
876. тир
877. кафш
878. оху
879. пара (навъи растанӣ) парамбарг
880. осмон
881. шаб ва рӯз
882. дандон ва забон
883. дойра
884. шохмот
885. тарбуз
886. қулф ва соҳибхона
887. санчиқ
888. сабати моҳигирӣ,
889. уштур
890. мор
891. себарга
892. камар-кавар
893. тайки чупон
894. мурғобӣ
895. чистон
896. хиргоҳи чӯпон
897. пул
898. осиёб
899. корд
900. собун

## Мундарича


Чистон — сайқали фикр . . . . . 3
1. Олот ва воситаи меҳнат . . . . . 10
2. Асбоб ва анҷоми рӯзгор . . . . . 18
3. Хӯрокворӣ . . . . . 36
4. Пӯшокворӣ . . . . . 43
5. Одам ва узвҳои бадан . . . . . 47
6. Манзилгоҳ ва биноҳои ҷамъият . . . . . 55
7. Ҷисмҳои осмонӣ . . . . . 61
8. Табиат ва ҳодисаҳои он . . . . . 66
9. Сол ва фаслҳои он . . . . . 76
10. Ҳайвонот . . . . . 78
11. Паррандаҳо . . . . . 85
12. Ҳашарот ва хазандагон . . . . . 88
13. Зироат ва сабзавот . . . . . 92
14. Наботот . . . . . 102
15. Дарахт ва меваҷот . . . . . 106
16. Илм ва маориф . . . . . 111
17. Асбобҳои мусиқӣ . . . . . 115
18. Техника ва намудҳои он . . . . . 117
19. Чистонҳои гуногун . . . . . 122
20. Феҳрасти ҷавобҳо . . . . . 128



**СӮФИЕВ АСАДУЛЛО**

**Тысяча одна загадка**

*(на тадж. языке)*

Мудири редакция Аъзами Худолод

Муҳаррири техникӣ Н. Калинина

Муҳаррири ороиш Х. Сафарӣ

Ба матбаа 12. 11. 91 супурда шуд. Ба чопаш 22. 11. 93 имзо шуд. Фор
$60 \times 90^{1}/_{16}$. Коғази типографӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 8,5. Ҷузъи наш-
рию ҳисобӣ 5,25. Адади нашр 3000 Супориши № 701

Нашриёти «Маориф»-и Вазорати матбуот ва ахбори Ҷумҳурии
Тоҷикистон. 734063, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Вазорати матбуот ва ахбори Ҷумҳурии
Тоҷикистон. 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.